ЛАО-СЗИ



# ДАО ДЭ СЗИН

## Китоби роҳ ва фазилат

ЛАО-СЗИ

# ДАО ДЭ СЗИН

## Китоби роҳ ва фазилат

**ББК: 94.8 (5 хит)**
**Л-24**
**УДК: 895.1 – 8**

**Ин асари арзишманд бо кумаки молиявии Маркази мубодилаи фарҳангии Тоҷикистону Чин ба чоп расидааст.**

**Мураттиби китоб – Парвиз Давлатзода**
**Муҳаррири масъул – Зафар Сайидзода**
**Тарҷумон – Воҳид Ғаффорӣ**

**Лао-Сзи. Дао дэ Сзин. Китоби роҳ ва фазилат. – Душанбе: «Контраст», 2020. – 152 саҳ.**

«Дао дэ сзин» (Китоби роҳ ва фазилат)-и Лао-Сзи ганҷинаи арзишманди андешаву хиради чинӣ ва яке аз бузургтарин китоб дар таърихи башар аст, ки масири фарҳанги ҷаҳонро садсолаҳо пеш муайян кардааст. Ба рози шуҳрат ва мондагории ин асари бостонӣ хонанда аз нашри ҳозир, ки нахустин тарҷумаи «Дао дэ сзин» ба забони тоҷикӣ мебошад, пай хоҳад бурд.

Барои пайравони даосизм ва миллионҳо алоқамандони фалсафа дар ҷаҳон «Дао дэ сзин» на танҳо асари дӯстдошта, ҳамчунин дастури ҳушмандӣ, роҳнамо дар пайроҳаҳои печидаи сарнавишт ва, умуман, китобест, ки метавонад ба инсон шеваи зиндагии фарзона ва ҳадафмандро ёд диҳад.

Умедворем «Дао дэ сзин» – ёдгори қадимаи андешаҳои файласуфи шаҳири чинӣ, ки барҳақ «китоби фарзонагӣ»-аш ном мебаранд ва, инак, ба китобдӯстони тоҷик тақдим мегардад, дархӯри завқу табъи хонандаи гиромӣ хоҳад гашт.

**ISBN 978-99975-56-69-1**

## Сухане чанд дар бораи Лао-Сзи
## ва китоби ӯ «Дао дэ сзин»
## (Китоби роҳ ва фазилат)

Пеш аз он ки дар бораи Лао-Сзи – яке аз бузургтарин хирадмандони Чин, поягузори даосизм – сухан бигӯем, лозим медонем нигоҳи кӯтоҳе ба фарҳангу тамаддуни ин кишвари шигифтангез андозем.

Тамаддуни Чин ҳаммонанди тамаддуни Мисру Бобул бостонӣ аст, вале бо қадимии ғайриодии худ, ки чандин ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад, фарқ мекунад. Чин ягона кишвари бузурги бостонӣ аст, ки бунёди ахлоқию маънавии мардумаш, бо вуҷуди ғасбу истилоҳои аҷнабиён, аз ҳар гуна таъсир покиза мондааст. Сабаби ин, ба ақидаи пажӯҳишгарон, дар ҷаҳонбинии чиниёни бостон будааст, ки нисбат ба ҳокимони худ ҳамчун ба писарони осмон ва ноибони Худо дар рӯи замин рафтор мекардаанд. Ягона тақозое, ки мардум аз фармонравоёни хеш доштааст, риояи дастурҳои худоён будааст, ки дар шакли қонунҳо аз замонҳои дер вуҷуд доштаанд.

Масъулияти вазнине, ки ҳар фармонравои Чин дар баробари ин мардуми пайрави адолати осмонӣ эҳсос мекард, ҳамеша майли ӯро барои ба кор бурдани равиши дар аҳди қадим маъмули зулму истибдод, фурӯ менишонд. Аммо рӯиҳамрафта таърихи Чини бостон яксара таърихи ҳокимони адолатхоҳу раиятпарвар набуда, иборат аз давронҳои тиллоӣ ва низ марҳалаҳои муборизаҳои шадид барои ба даст овардани тоҷу тахт будааст. Дар яке аз чунин давронҳои пурошӯб тақдири таърихӣ ба Чин ду марди дорои хиради бузургро эҳдо намуд, ки таълимоти офаридаи онҳо то ба имрӯз бахши муҳимеро аз зиндагии мардуми ин кишвар муайян менамоянд. Ин ду марди фарзона Лао-Сзи ва Конфутсий мебошанд.

Дар соли 221 пеш аз милод дар Чин сулолаи Син ба қудрат расид. Бо он ки замони ҳукмронии ин сулола бисёр кӯтоҳ буд (то ба соли 207 пеш аз милод), дар ин фосила дар кишвар рӯйдоди муҳим – муттаҳид гардидани Чин – ба вуқӯъ пайваст. Дар замони ҳукумати сулолаи баъдӣ – Хан (то соли 220 милодӣ) – низ ин кишвар аз иттиҳоди сиёсӣ бархӯрдор буд.

Садсолаи пеш аз даврони ҳукумати сулолаи Син даврони фурӯпошии давлат ва дастгоҳи иҷти-

моӣ буд. Дар ин марҳала барои ба даст овардани зимоми ҳукумат ашрофиёни қудратгумкарда ва олигархияи рӯ ба рушд дар рақобат буданд. Давлат аз ҳам рехтаву миёни мардуми ноумед пайдо шудани нигоҳи дигар ба табиат, дунё ва инсон аз вижагиҳои ин марҳала буд. Вазъияти бухронӣ дар кишвар боиси ба мансаи зуҳур падид омадани назарияҳои гуногуни фалсафӣ гардид, ки умдатарин ва роиҷтарин аз ҷумлаи онҳо конфутсийгароӣ ва даосизм мебошанд.

Аксари мардуми бомаърифат пайрави таълимот дар бораи Дао буданд. Ин омӯза асоси ҷаҳонбинии чиниён, тасаввуроти онҳо дар бораи дунё ва ҷойгоҳи инсон дар он, таҷассуми ҳикмати бостонии мардуми Чин аст. Офаринандаи таълимот дар бораи Дао – даосизм – Лао-Сзи мебошад. Ин таълимот дар рисолаи ӯ «Дао дэ сзин», ки мазмунан «Китоби роҳ ва фазилат» тарҷума мешавад, фароҳам омадааст.

**Зиндагиномаи эҳтимолии Лао-Сзи**

Лао-Сзи ҳанӯз дар оғози роиҷ гардидани даосизм ба яке аз чеҳраҳои маъруф ва ҳатто дорои мар-

табаи худоӣ табдил гардид. Бояд гуфт, ки зиндагиномаи Лао-Сзи чандон равшан нест ва, ба таври умда, бар асоси ривоятҳо ва иттилооти афсонаомез эҷод шудааст. Бино ба яке аз чунин ривоятҳо Лао-Сзи аз модар, ки гӯё ӯро тайи 81 сол дар батни хеш парварда будааст, пир ба дунё омадааст.

Маъруфтарин ривояти зиндагиномаи Лао-Сзи аз ҷониби таърихнигори чинӣ Сима Сян, ки дар охирин садсолаи пеш аз милод зиндагӣ мекард, баён гардидааст. Сима Сян нависандаи осоре бо номҳои «Чжуан-сзи» ва «Ёддоштҳои таърихӣ» мебошад, ки дар бархе аз фаслҳои ин китобҳо аз Лао-Сзи сухан ба миён меоварад.

Тибқи ин маълумот ва дигар иттилооти пароканда, Лао-Сзи дар соли 604 пеш аз милод дар маҳалли Кеку-Зин, ки дар наздикии шаҳри Пекини имрӯзӣ воқеъ аст, ба дунё омадааст. Исми ҳақиқии ӯ Ли Эр будааст, аммо муосиронаш вайро аз рӯи эҳтиром Лао-Сзи, яъне «Устоди пир», ном мебурдаанд. Ӯ солҳои зиёд бойгони дарбори шоҳигарии Чжоу будааст. Ин воқеият баёнгари он аст, ки ӯ инсони дорои маърифати боло буда. Дар овони пирӣ вай ба қасди тарки кишвар рахти сафар бастааст ва, чун

ба сарҳади Чин расидааст, сардори сарҳадбонон, шахсе бо номи Ин Си, аз фарзонаи пир хоҳиш кардааст, ки барои вай аз таълимоташ сухан гӯяд. Лао-Сзи дар посух ба хоҳиши сардори марзбонон омӯзаи худро, ки имрӯз дар тамоми дунё бо номи «Дао дэ сзин» (Китоби роҳ ва фазилат) машҳур аст, дар ду бахш ба риштаи таҳрир кашидааст. Тибқи ривоятҳо, Лао-Сзи пас аз он, ки рисоларо ба марзбон супурдаву аз он ҷо дур шудааст, дигар ҳеҷ кас ӯро дар ҷои дигаре надидааст.

Дар миёни таърихшиносони Чин ривоятҳои зиёде мавҷуданд, ки тибқи онҳо Конфутсий дар синни сию чаҳорсолагӣ барои дидор бо Лао-Сзи, ки охирин рӯзҳои умри худро мегузаронд, ба подшоҳии Чжоу рафтааст, то аз андешаҳои фарзонаи куҳансол огоҳӣ ёбад. Конфутсий дар ин дидор аз устоди пир хостааст, ки ба пурсишҳои вай дар бораи баргузоркунии оинҳо посух диҳад. Лао-Сзи бо баёни кӯтоҳу links мармузу тунд Конфутсийро чунин посух додааст: «Онҳое, ки дар бораашон ҳарф мезанед, кайҳо мурдаанд ва устухонҳояшон ба гарду ғубор табдил шудаанд. Фақат суханҳои онҳо боқӣ мондаанд. Замоне фурсат фаро мерасад ва марди наҷиб

савори асп мешавад, дар дигар маврид ӯ худро пинҳон мекунад ва мавқеъро тарк менамояд. Ман шунидам: тоҷири хуб чунон молашро пинҳон мекунад, ки чунин ба назар мерасад гӯё фурӯшгоҳаш аз мол холӣ бошад. Аммо марди наҷиб, пас аз расидан ба фазли комил, кавдан ба назар мерасад. Аз такаббури зоҳирӣ, хостаҳои фаровон, рафторгарӣ, орзуҳои шаҳватангез даст кашед. Ҳамаи инҳо фоидае барои шумо надоранд. Ин ҳама чизест, ки мехостам ба шумо бигӯям».

## Таълимоти Лао-Сзи: хусусиятҳо ва ғояҳои асосии он

Рисолаи Лао-Сзи «Дао дэ сзин» (Китоби роҳ ва фазилат), ки сарчашмаи таълимоти фалсафии даосизм мебошад, асари фалсафию адабии деринасоли чинӣ аст, ки тӯли қарнҳову садсолаҳо ба қалбҳои чиниён ва низ дилҳои афроди бисёре аз миллатҳою мардумони дигар таъсири амиқ доштааст. «Дао дэ сзин»-ро китоби панҷ ҳазор вожанигорай низ номидаанд, ба ин далел, ки ин китоб бо 5000 вожанигора (иероглиф) навишта шудааст.

Матни «Дао дэ сзин» шомили ҳаштоду як фасл

аст ва онро аз замони бостон ба ду китоб тақсим кардаанд ва ин тақсимбандӣ камобеш аз садаи нахустини милодӣ роиҷ будааст. Китоби аввал шомили сию ҳафт фасл ва китоби дуввум шомили чиҳилу чаҳор фасл мебошанд.

Дарки «Дао дэ сзин», ки ба забони чинии бостонӣ навишта шудааст ва муаллифаш вожаҳои чандмаъноиро истифода кардааст, ҳатто барои худи чиниҳо мушкил аст. Гузашта аз ин, чуноне ки яке аз тарҷумонҳои ин рисола, чиншиноси бритонӣ Ҷеймс Легг навиштааст, «аломатҳои хатти забони чинӣ на инъикоскунандаи вожаҳо, балки бозтобкунандаи афкор мебошанд. Аз ин рӯ аломатҳо – дар пайвастагӣ бо ҳам – на он чизеро, ки муаллиф мехоҳад бигӯяд, балки он чиро, ки нигоранда сари он фикр мекунад, нишон медиҳанд».

Ба далели душвор будани дарки рисола тафсирҳои зиёди он ба вуҷуд омадаанд, ки шумораашон аз ҳафтсад боло меравад. Дар садаи 7-уми милодӣ «Дао дэ сзин» нахуст ба санскрит ва баъдан – бар асоси он – ба забонҳои дигари ҷаҳон тарҷума гардид. Дар ҳоли ҳозир ин асарро ба 250 забон мехонанд. Бисёре аз нуктаҳои ин рисола ба

зарбулмасалҳо табдил шуда, то ба имрӯз дар миёни миллату қавмҳои гуногун ба таври густурда истифода мешаванд.

Ба назари бархе аз таърихнигорон номи «Дао дэ сзин» аз ин ҷо сарчашма гирифтааст, ки фасли аввали китоб бо «Дао» оғоз мешавад ва нахустин вожа ҳам дар китоби дуввум (фасли 38) «дэ» аст.

«Дао дэ сзин»-ро осори адабӣ низ шуморидаанд ва онро шеър ба ҳисоб овардаанд. Аммо воқеият ин аст, ки онро бо меъёрҳои имрӯзи илми шеър наметавон шеър номид, ҳарчанд дар баъзе фаслҳо нишонаҳое аз шеър дар ҳолу ҳавои шеъри ирфонии тоҷикию форсӣ дида мешаванд. Ин китобро бояд дар шумори осори фалсафӣ овард, зеро бештар китобест, ки дар илми сиёсат ё дар оини кишвардорӣ навишта шудааст ва навъи фалсафаи сиёсат аст, ки усули даоиро ба кор мебандад.

Фалсафаи Лао-Сзи бар пояи се мафҳуми асосӣ – «Дао», «дэ» ва «у-вей», яъне ғайрифаъол будан, – бунёд шудааст.

«Дао», яъне роҳу равиш ё қонуни ҳоким бар ҳастию ҳаёт, ва «дэ» ба маънои фазилат, нуфуз ва неруи ахлоқ аст. Ин вожа дар хатти чинӣ аз се

нишона таркиб ёфтааст, ки яке ба маънои «рафтан», дигаре ба маънои «мустақим» ё «рост» ва севвумӣ ба маънои «дил» аст. Ҳангоме ки ин се нишона бо ҳам гузошта мешаванд, маънии «роҳ сипардан дар хатти мустақими дарки дарунӣ»-ро медиҳанд. «Сзин» ба маънии «матн» ё «навишта» аст. Пас рӯиҳамрафта «Дао дэ сзин»-ро метавон ба сурати «матни пайравии мустақим аз роҳу равиши ҳастию ҳаёт ба хотири раҳнамоии дарки дарунӣ(дил)» тарҷума кард.

«Дао», ки муҳимтарин мақулаи фалсафаи чинӣ ба ҳисоб меравад, дар системаи фалсафаи даосизм дорои муҳтавои густурдатари метафизикӣ мебошад. Лао-Сзи калимаи «Дао»-ро дар таълимоти худ бо эҳтиёти хоссе ба кор гирифтааст, зеро «Дао», ба қавли ӯ, бидуни сухан, беном, бешакл ва беҳаракат аст.

«Дао» на танҳо ба маънои «роҳ» аст, балки инчунин моҳияти чизҳо ва тамоми мавҷудоти олам мебошад. «Дао» қонуни фарогир ва мутлақ аст. Мафҳуми «Дао»-ро ба равиши материалистӣ метавон чун табиат ва дунёи айнӣ шарҳ дод.

Донишмандон аз рӯи сарчашмаҳои мавҷуд равшан кардаанд, ки Лао-Сзи донишманди орифе

будааст ва омӯзаеро таълим медодааст, ки комилан такя бар тафаккури дарунӣ дорад. Вай бар он будааст, ки инсон танҳо дар сурати озод шудан аз ҳама гуна афкори козиб андаруни хеш метавонад ба ҳақиқат даст ёбад.

Лао-Сзи дар ин рисола мегӯяд: «Ӯ беҳаракат, беҷисм, асил ва табдилнопазир аст. Вай ҳамеша дар ҳаракат, гирдгардон ва беинтиҳост. Танҳо вай метавонад модари (модинаи) осмону замин бошад. Ман номи онро намедонам, аммо одамон ӯро Дао меноманд».

Яке аз печидатарин мақулаҳо дар фалсафаи чинӣ мафҳуми «Дэ» мебошад. Аз як тараф, «Дэ» чизест, ки «Дао»-ро ғизо медиҳад ва ӯро имконпазир мегардонад. «Дэ» як навъ неруи фарогир ва усулест, ки ба василаи он Дао роҳи ҳамаи чизҳоро мумкин месозад. Ӯ ҳамчунин равишест, ки бо истифода аз он мешавад ба Дао мутобиқат кард.

«Дэ» аслу усули ҳастӣ мебошад. Ӯ ҳамчунин имкони дуруст ҷамъ кардан ва ба таври саҳеҳ истифода намудани неруи ҳаётӣ аст. Аммо «Дэ» ба маънои маҳдуд ахлоқ нест. «Дэ» инсонро водор мекунад, то нишотро аз ҳар гуна банду қайдҳои

зиндагӣ раҳо созад.

Дар фасли поёнии «Дао дэ сзин» устоди пир ба ҷаҳониён фалсафаеро ёдгор гузоштааст, ки чунин хулоса мешавад:

«Садои ҳақиқат латофате надорад, аммо чизи латиф фиребост. Инсони ахлоқӣ суханпардоз нест, вале суханпардоз дурӯғгӯй аст. Хирадманд бисёр намедонад, аммо касе, ки зиёд медонад, хирадманд нест. Марди муқаддас молу коло захира намекунад. Агар ҳам захира кунад, – барои дигарон. Вақте ӯ чизе дорад, ҳамаи онро ба дигарон тақсим мекунад. Бино бар ин захираи ӯ бештару бештар меафзояд. Даои осмонӣ муфид аст: вай чизи барои одамон осебрасоне надорад. Даои мардони муқаддас кори хуб анҷом додан ва пархош накардан аст».

«Оне, ки аз ҳамаи эҳсосот озод аст, мушоҳидагари падидаҳои шигифтангези Дао мебошад, аммо оне, ки зери таъсири бархе аз эҳсосот аст, танҳо бахши кӯчаке аз ин падидаҳоро мебинад».

«Даоро танҳо онҳое дармеёбанд, ки тавоноии ҷой додани ӯро бар қалбҳои хеш доранд. Даоро онҳое қабул медоранд, ки Осмонро дӯст медоранд ва дарк менамоянд».

## Ғояҳои асосӣ

Пешрафти ҷаҳон тибқи усулҳои хоссе сурат мегирад, ки дарки саҳеҳи онон мушкил аст. Аммо ин усулҳоро метавон Дао номид. Дао бениҳоят ва ҷовидон аст. Ҳаргиз ба дунё наомадааст, бино бар ин ҳаргиз намемирад. Вале он чӣ марбут ба дэ аст, наметавон барои ба даст оварданаш кӯшид, зеро дэ ба таври табиӣ падид меояд. Беҳтарин роҳ барои иҷрои Дао дар ҷаҳон усули «у-вей» – фаъолияти нохоста – аст.

Набояд барои ба даст овардани дониши беш аз ҳад ва бурро кардани зеҳн талош кард, – баръакс, бояд ба ҳолати «чӯби коркарднашуда» ё вазъи «навзод» бозгашт. Ҳамаи тазодҳо ҷудонопазиранд ва бо якдигар дар робита ҳастанд. Ин равиш ҳатто ба чунин тазодҳое, чун зиндагию марг, марбут аст.

Зиндагӣ «мулоим» ва «чандир» аст, марг – «дурушт» ва «сахт». Беҳтарин усули ҳалли мушкилот бо равиши Дао ин даст кашидан аз душманӣ ва гузашт кардан аст. Аммо ин усулро набояд даъват ба таслим шудан ва тобеъ гардидан фаҳмид. Бояд бар он кӯшид, то бидуни талоши зиёд бар авзоъ ҳоким гашт.

## Диалектикаи фалсафаи Лао-Сзи

Фалсафаи Лао-Сзи саршор аз як диалектикаи хоссест.

«Аз ҳастӣ ва нобудӣ ҳама чиз падид омадааст; аз имконпазир ва имконнопазир – анҷом додани кор; аз дарозу кӯтоҳ шакл ба вуҷуд меояд. Баландӣ пастиро ба худ тобеъ мекунад; садоҳои баланду паст дар омезиш бо якдигар ҳамоҳангӣ тавлид мекунанд; қабл баъдро ба худ тобеъ месозад».

Бо ин ҳама Лао-Сзи инро на ҳамчун мубоefризаи тазодҳо, балки ҳамчун оштии онҳо мефаҳмад. Аз ин рӯ вай ба чунин хулоса меояд:

• «Ҳангоме ки инсон то ба кор накардан мерасад, он гоҳ чизе боқӣ намемонад, ки он ба анҷом нарасида бошад».

• «Касе, ки мардумро дӯст медорад ва бар вай роҳбар аст, бояд ғайрифаъол бошад».

Чунин андешаҳои Лао-Сзи баёнгари он ҳастанд, ки ғояи асосии фалсафаи ӯ ин усули ғайрифаъол будан аст. Дар омӯзаи ҳакими чинӣ ҳама гуна талош барои анҷоми коре ба манзури тағйир ворид кардан дар табиат ва зиндагии одамон мавриди маҳкум қарор мегирад.

Далели он, ки рӯдхонаҳо ва баҳрҳо подшоҳони водиҳои бешумор (ки рӯдҳо дар онҳо ҷорӣ мешаванд) ҳастанд, ин аст, ки аввалиҳо поёнтар аз баъдиҳо ҷой гирифтаанд.

• «Вақте марди муқаддас бар кишвар ҳукумат мекунад, кӯшиш мекунад, то хирадмандон натавонанд ба коре даст зананд. Вақте ҳама ғайрифаъол мешаванд, он гоҳ дар замин осудагии комил ҳукмфармо мегардад».

• «Касе, ки аз донистани бисёре аз донишҳо озод аст, ҳаргиз бемор нахоҳад буд».

• «Дониш вуҷуд надорад. Ба ҳамин далел аст, ки ман чизе намедонам».

Лао-Сзи ҳукумати шоҳро бар мардум хеле муҳим мешуморид, аммо онро мутлақо қудрати мардсолорӣ дарёфт мекард. Аз дидгоҳи Лао-Сзи, шоҳ доҳие буд муқаддас ва ғайрифаъол. Бо вуҷуди ин, ба ҳокимони сиёсии замони худ нигоҳи манфӣ дошт ва аз фақри мардум, гуруснагӣ, duздиҳову ғоратҳо, надоштани сарфаҷӯӣ ва аз пушти манфиати худ будани мардуми он аср изҳори таассуф мекард.

• «Мардум ба ин далел гуруснагӣ мекашад, ки

андози давлат берун аз ҳад бузургу вазнин аст. Маҳз ин боиси бадбахтии мардум аст».

**Хулоса**

Дар маркази таълимоти Лао-Сзи инсони ахлоқӣ қарор дорад, зеро, бино ба ақидаи ӯ, «марди муқаддас танҳо пайрави арзишҳои ахлоқӣ аст, на ҳавохоҳи зоҳирпарастӣ. Аз ин рӯ вай аз дуввумӣ дур мешавад ва ба аввалӣ – наздик». Ба ақидаи Лао-Сзи, дунёи моддӣ танҳо сарчашмаи ранҷҳо, бемориҳо ва марг аст. Дар ҳоле ки ҷаҳони рӯҳонӣ озод аз ҳар гуна ранҷу азобу беморӣ ва бахшандаи умри ҷовидон мебошад.

Инсоне, ки ба бартарии дунёи маънавӣ пай бурдааст, хоҳад донист: «Ҳамаи мавҷудот, вақте зиндагиро тарк мекунад, вориди марг мешавад»; «агарчи бадан мемирад, аммо моҳияти ӯ ҳаргиз нобуд намегардад»; «бадан, бидуни он ки чизе аз худ боқӣ гузорад, нобуд мегардад, ин аст мероси абад».

Дар айни ҳол Лао-Сзи моҳиятан тарки ҷисмро аз зиндагӣ ва гурезон будани одамро аз олами моддӣ пешниҳод намекунад. Вай танҳо мехоҳад инсонҳо ботинан аз ҳар гуна ҳавову ҳавас озод ва

накукор бошанд. Лао-Сзи таълим медод, то одамҳо батадриҷ аз поён ба фароз, аз васвасаҳои нафсонӣ, шаҳват, сарват ва нозпарвардагӣ ба сӯи покизагии ахлоқӣ ва зебоӣ роҳ ҷӯянд. Ӯ навиштааст: «Гуноҳе сангинтар аз иштиёқ вуҷуд надорад. Бадбахтие сахттар аз дарк накардани ҳадди қаноат нест. Ҷинояте вазнинтар аз тамоили ҳарисона ба сарватғундории бисёр вуҷуд надорад».

Ғурур, саъй дар шуҳра гаштан ва соҳиби обрӯю шараф шуданро ҳакими чинӣ аз бадтарин хислатҳои инсонӣ ба шумор меоварад. Ӯ таблиғгари рафтори муҳаббатомез ба тамоми мавҷудот, фурӯтанӣ ва содагии рафтор буд. Вай мегуфт: «Ман се бартарӣ дорам, ки онҳоро чун ганҷина ҳифз мекунам. Аввалин аз ин се ганҷина башардӯстӣ аст. Дуввум – сарфаҷӯӣ. Севвум – фурӯтанӣ ва ё чизе, ки дар партави он ман намехоҳам роҳбари тамоми замин бошам».

Лао-Сзи накукориро аз заруртарин шарти идораи давлат, нишонаи наҷобати шоҳон ва гарави устувор шудани пояҳои низоми ҳоким медонист. Ӯ муътақид буд: «Подшоҳон ва шоҳзодагон, ки ба ятимону бевагони бенаво ғамхорӣ мекунанд, бо

ин кор онҳо метавонанд аз аслу насаби худ шаҳодат диҳанд»; «шоҳе, ки бар фикри кишвари худ нест, беҳтарин хидматкорон – пуштибонони давлатро аз даст медиҳад»; «шоҳону шоҳзодагони оқил дасти ятимон ва фақиронро мегиранд; онҳоянд, ки бо ин кори худ мавриди ситоиши мардум хоҳанд буд».

Лао-Сзи, мисли ҳама шахсиятҳои бузург ҷангро падидаи ҷинояткорона ва мухолиф бо табиати инсон медонист ва дар зимн ҳифзи кишварро аз ҳар гуна таадиву таҷовузи душманон кори муқаддас меҳисобид: «Инсоне, ки воқеан равшанфикр аст, ҳаргиз ба ҷанг рӯ намеоварад»; «Аз он ҷо, ки дар ҷанг одамони бисёре ба ҳалокат мерасанд, бар ҷанг бояд гирист»; «Дар ҳар ҷое, ки артиш меистад, он ҷо (ба ҷои гандум) гулхор мерӯяд; Пас аз ҷанги бузург соли беҳосилӣ меояд»; Агарчи ба ҷанг, мумкин аст, ба хотири барқарор кардани оромӣ рӯй меоваранд, вай, бидуни шак, падидаи бад аст»; «Вақте шоҳон ва шоҳзодагон бар фикри ҳифзи кишвар талош мекунанд, он гоҳ худи табиат ёрмандӣ мекунад»; «Ҳар касе, ки ба хотири башардӯстӣ меҷангад, пирӯз хоҳад шуд. Агар вай мар-

думро ҳифз кунад, дифояш неруманд хоҳад буд».

Чунин аст – ба таври фишурда – таълимоти даосизм, ки Лао-Сзи дар рисолаи хеш «Дао дэ сзин» (Китоби роҳ ва фазилат) баён кардааст.

Лозим ба зикр аст, ки тарҷумаи ин китоб аз рӯи тарҷумаҳои русӣ ва бо қиёс кардан бо баргардонҳои форсӣ сурат гирифтааст. Аз миёни тарҷумаҳои муътабари русӣ метавон ба тарҷумаҳои Даниил Кониси, Владимир Малявин, Александр Кувшинов, Александр Секатский, Бронислав Виноградский ва аз баргардонҳои форсӣ ба тарҷумаҳои Ҳурмуз Раёҳӣ, Беҳзод Баракат, Муҳаммадҷавод Гавҳарӣ, Фарҳод Карбалоӣ, Исмоил Родпур, Дорюш Ошурӣ ишора кард. Мо ба ҷумлаи бузургон, ки номашон дар ин ҷо рафт ва дар қайди ҳаёт ҳастанд, миннатдории самимонаи худро иброз медорем. Ва ба рӯҳи онҳое, ки даргузаштаанд, дуои хайр мекунем.

# Лао-Сзи
# Дао дэ сзин.
# Китоби роҳ ва фазилат

# 1

*Даое, ки бояд муътабар бошад, Даои маъмулӣ нест.*

*Номе, ки бояд муътабар бошад, як номи маъмулӣ нест.*

*Он чӣ, ки ном надорад, огози осмону замин аст; он чӣ, ки ном дорад, модари ҳамаи чизҳост.*

*Ба ҳамин далел оне, ки аз ҳамаи эҳсосот озод аст, мушоҳидагари падидаҳои шигифтангези Дао мебошад, аммо оне, ки зери таъсири бархе аз эҳсосот аст, танҳо бахши кӯчаке аз ин падидаҳоро мебинад.*

*Ин ҳар ду аз як сарчашмаанд, аммо фақат номҳои гуногун доранд.*

*Ин сарчашмаҳоро идрокнашаванда номидаанд. Идрокнашавандае аз идрокнашавандаҳо дарвозаи вуруд ба ҳамаи асрорҳост.*

## 2

***Зери осмон ҳама (мардум) медонанд, ки зебо зебост, аммо вай танҳо зишт аст.***

***Ба ҳамин шева ҳама медонанд, ки хуб хуб аст, аммо вай танҳо бад аст.***

***Аз ҳастӣ ва нобудӣ ҳама чиз падид омадааст; аз имконпазир ва имконнопазир – анҷом додани кор; аз дарозу кӯтоҳ шакл ба вуҷуд меояд.***

***Баландӣ пастиро ба худ тобеъ мекунад; садоҳои баланду паст дар омезиш бо якдигар ҳамоҳангӣ тавлид мекунанд; қабл баъдро ба худ тобеъ месозад.***

***Марди муқаддас бидуни анҷом додани коре омӯзаҳои худро густариш медиҳад. Ҳамаи мавҷудот ба ӯ итоат мекунанд ва ҳаргиз аз иҷрои фармудаҳои ӯ сар намепечанд.***

***Вай бисёр истеҳсолу тавлид мекунад, аммо чизе надорад; бисёр кор мекунад, аммо аз он ки бисёр кор мекунад, ифтихор намеварзад; диловариҳо мекунад, аммо он диловариҳоро ба худ нисбат намедиҳад.***

***Ӯ дар ҳеҷ ҷое бознамеистад, аз ин рӯ ӯ барои дур шудан ба маконе, ки ба онҷо рафтан намехоҳад, ниёзе надорад.***

## 3

***Барои ҷилавгирӣ аз низоъ дар миёни мардум набояд ба мардони хирадманд беш аз андоза эҳтиром варзид.***

***Барои ин ки одамон дузд нашаванд, набояд ба аҳамияту арзиши чизҳое, ки ба мушкилӣ ба даст меоянд, афзуд, зеро одамон вақте чизҳоеро, ки аз доштанашон ифтихор мекунанд, намедонанд, ҳаргиз орзуи ба даст оварданашонро дар дил намепарваранд.***

***Аз ин рӯ вақте марди муқаддас бар кишвар ҳукумат мекунад, дилаш холӣ ва баданаш пур аст; ӯ майлашро суст ва устухонҳояшро қавӣ месозад.***

***Вай талош менамояд, ки мардум нодон ва бидуни эҳсосот бошад. Ҳамчунин кӯшиш мекунад, то хирадмандон натавонанд ба коре даст зананд.***

***Вақте ҳама ғайрифаъол мешаванд, он гоҳ дар замин осудагии комил ҳукмфармо мегардад.***

## 4

*Дао тиҳист, аммо вақте онро истифода мекунанд, тамомнопазир аст.*

*Оҳ чӣ умқе! Вай огози ҳамаи чизҳост.*

*Вай дами теғи худро кунд, гиреҳҳоро боз, дурахширо нарм мекунад ва, ниҳоят, зарраҳои кӯчакро ба ҳам пайванд медиҳад.*

*Оҳ чӣ покиза! Ӯ ҷовидон вуҷуд дорад, аммо ман намедонам чӣ касе онро ба вуҷуд оварда ва оё пештар аз аввалин подшоҳ арзи ҳастӣ карда.*

## 5

***Осмону замин моҳиятан мавҷудоти саршор аз муҳаббат нестанд. Онҳо бо ҳамаи чизҳо чун бо саги коҳ[1] рафтор мекунанд. Марди муқаддас саршор аз ишқ нест: вай бо кишоварзон чун бо сагони коҳ бархӯрд мекунад.***

***Ҳама чизе, ки байни осмону заминанд, монанд ба дамаи оҳангарон ҳастанд.***

***Он (дамаи оҳангарон) холӣ, аммо беинтиҳост: ҳар қадар бештар пур аз ҳаво гардад, ба ҳамон андоза ҳаво хориҷ мекунад.***

***Ҳар касе бисёр сухан гӯяд, бо нокомӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд; беҳтар аст эътидолро нигоҳ дорад.***

---

1 Саги коҳ – хӯсаи аз коҳ сохташудаи саг аст. Ин хӯсаро барои қурбонӣ истифода мекардаанд ва пас аз анҷоми расми қурбонӣ онро зери по андохтаву мекӯбидаанд. Дар ин матн ба маънои «ночиз» истифода шудааст.

## 6

***Рӯҳи покиза ҷовидон аст. Ӯ модари идрокнашаванда (модина) ном дорад.***

***Дарвозаҳои модари идрокнашаванда решаи осмону замин номида мешаванд.***

***Вай (яъне рӯҳи покиза) ба таври поённопазир мавҷуд хоҳад буд.***

***Ҳар касе мехоҳад ӯро ба кор гирад, ҳаргиз хаста нахоҳад шуд.***

# 7

***Замину осмон ҷовидонанд.***

***Сababи абадияти осмону замин ин аст, ки онҳо на барои худашон вуҷуд доранд.***

***Ба ҳамин далел онҳо ҷовидонанд.***

***Марди муқаддас пас аз ба дигарон кумак кардан ба фикри худаш мешавад ва ба ин далел ба осонӣ амниятро ба даст меоварад.***

***Вай нисбат ба бадани худ бепарвост, бино бар ин умри дароз мебинад.***

***Ҳар касе нисбат ба хештан бепарвост, корҳояшро ба таври муваффақона анҷом хоҳад дод.***

## 8

*Волотарин фазилат монанди об аст.*

*Об, бо он ки ба ҳама мавҷудот суди фаровон меоварад, дар баробари чизе муқовимат намекунад.*

*Вай дар ҷое қарор дорад, ки одамон намебинанд, аз ин рӯ ҳаммонанди Даост.*

*Хуб зистан барои замин аст; дил – барои эҳсосоти амиқ; иттиҳод барои ишқ; суханҳо барои боварӣ, роҳбарӣ барои шукуфоии кишвар; кор барои маҳорат; ҳаракат барои зиндагӣ аст.*

*Он касеро, ки пархош намекунад, маҳкум наменамоянд.*

## 9

***Барои ин ки зарф аз чизе пур шавад, онро бояд маҳкаму рост ва бидуни ҳаракат дошт.***

***Барои ин ки теғ тез шавад, онро муддати тӯлонӣ бояд тез кард.***

***Агар хона пур аз зару сим бошад, ҳифзи тамомияти он имконнопазир аст.***

***Марди доно боварии мардумро ба даст меоварад ва, зиёда аз ин, ба ростӣ бо комилан дастрас будани худ ба дунё худро ҳифз менамояд.***

***Касе, ки шарафу сарват ба даст меоварад, мағрур мегардад. Вай зуд фаромӯш мекунад, ки ҷазо(-барои ҷиноят) вуҷуд дорад.***

***Ҳангоме ки корҳо бо комёбӣ анҷом мепазиранд, беҳтар аст, ки инсон бознишаста ва гӯшанишин шавад. Ин аст Даои осмонӣ (ва ё Даои ҳақиқӣ).***

## 10

***Рӯҳ ваҳдат дорад, бино бар ин(ба бахшҳо) тақсим намешавад.***

***Касе, ки комилан дорои порсоиву сафост, мисли кӯдак фурӯтан аст.***

***Касе, ки аз донистани бисёре аз донишҳо озод аст, ҳаргиз бемор нахоҳад буд.***

***Касе, ки мардумро дӯст медорад ва бар вай роҳбар аст, бояд ғайрифаъол бошад.***

***Касе, ки дарвозаҳои биҳиштро[1] мехоҳад боз кунад, бояд монанди модина бошад.***

***Ҳар касе вонамуд мекунад, ки бисёр медонад ва***

[1] Дарвозаҳои биҳиштро боз кардан ба Дао ё ба камоли ахлоқӣ расидан аст. Маънои ин гуфтор чунин аст: агар касе мехоҳад камоли ахлоқиро ба даст оварад, бояд чун модина дар пеши нарина фурӯтан бошад.

***ба ҳама кор қодир аст, ӯ чизеро намедонад ва дар коре тавоно нест.***

***Касе, ки чиз тавлид мекунад ва ҳамеша онро пеши худ медорад, ӯ дорои чизе нест.***

***Худситоӣ накардан барои анҷоми коре ва парҳез кардан аз фармонфармоӣ бар дигарон фазилати осмонӣ номида мешаванд.***

## 11

*Сӣ парра дар як меҳвари ароба пайванд мегарданд, аммо агар онҳо барои ҳадафи мавриди назар кофӣ набошанд, метавон онҳоро дар дигар чарха истифода кард.*

*Аз гил зарфҳои рӯзгор месозанд, аммо агар гил барои ин ҳадаф ба кор наояд, онро барои кори дигаре истифода мебаранд.*

*Чорчӯбу дарҳоро ба ҳам пайванд дода, хона дуруст мекунанд; аммо агар ин чизҳо барои ин манзур кофӣ набошанд, онҳоро барои сохтани асбобҳои дигари рӯзгор ба кор мегиранд.*

*Ин нишондиҳандаи он аст, ки агар чизҳое барои ҳадафе ба кор наоянд, аз онҳо мешавад барои манзури дигаре истифода кард.*

## 12

***Панҷ ранг инсонро кӯр мекунанд.***

***Панҷ садо ӯро кар месозанд.***

***Панҷ мазза чашоиширо кунд мекунанд.***

***Мусобиқаи саворӣ ва шикор рӯҳу дили одамро хароб мекунанд.***

***Майл доштан ба ҷавоҳироти нодир инсонро ба сӯйи ҷиноят мекашонад.***

***Аз ин сабаб аст, ки марди муқаддас танҳо пайрави арзишҳои ахлоқӣ аст, на ҳавохоҳи зоҳирпарастӣ. Аз ин рӯ вай аз дуввумӣ дур мешавад ва ба аввалӣ – наздик.***

## 13

***Чӣ эҳтиром ва чӣ лаънат аз ҷониби қудратмандони ҷаҳон нисбат ба инсонҳои фарзона ба як андоза аҷиб аст.***

***Барои марди фозил бадани худаш гаронии бузург меоварад.***

***Ин ки чӣ эҳтиром ва чӣ лаънат аз ҷониби қудратмандони ҷаҳон нисбат ба инсонҳои фарзона ба як андоза аҷиб аст, чӣ маъно дорад?***

***Эҳтиром аз ҷониби қудратмандони ҷаҳон барои инсонҳои фарзона таҳқир аст, аз ин рӯ вай ба ин эҳтиром чун ба падидаи ночиз менигарад. Ва вақте ки ин эҳтиромро аз даст медиҳад, чун бо чизи нафратангез муносибат мекунад.***

***Ин аст маънои инсони фарзона: чӣ ба эҳтиром ва чӣ ба лаънат аз ҷониби қудратмандони ҷаҳон***

*ҳамчун ба падидаҳои ночиз менигарад.*

*Ба инсони фозил бадани хештан гаронии бузург меоварад, – ин чӣ маъно дорад?*

*Ман барои ин андӯҳи бузург дорам, ки бадан дорам. Ҳангоме ки аз баданам озод мешавам, ҳеҷ андӯҳе нахоҳам дошт.*

*Аз ин рӯ ҳангоме, ки инсони фозил аз роҳбарӣ кардан бар ҷаҳон метарсад, метавон ин вазифаро бар ӯ супурд; ҳангоме, ки вай пушаймон мешавад, ки ҳокими дунёст, метавон бар вай ҳама кори ҷаҳон-ро вогузошт.*

## 14

***Чизе, ки ба он нигоҳ мекунем, аммо наметавонем бинем, беранг аст.***

***Овозе, ки ба он гӯш меандозем, аммо наметавонем бишунавем, садо нест.***

***Чизе, ки онро мо ламс мекунем, аммо наметавонем ба он даст ёбем, хурдтарин чиз аст.***

***Ин се чиз ғайри қобили таҳқиқ ҳастанд, аз ин рӯ ҳангоме, ки бо ҳам мепайвананд, ба як таркиби ягона табдил меёбанд.***

***Болояш равшан ва поёнаш торик аст. Оҳ, чизи беинтиҳо! Онро намешавад номе гузошт.***

***Вай вуҷуд дорад, аммо ба нобудӣ бармегардад.***

***Вай шакл ва ё навъи бешакл номида мешавад.***

*Вайро инчунин номуайян меномaнд.*

*Бо он ки бо ӯ рӯ ба рӯ мешавӣ, рӯяшро намебинӣ, чун аз ақибаш меравӣ, пушташ нонамоён аст.*

*Тавассути Даои кӯҳан метавон зиндагии кунуниро идора кард.*

*Таҳқиқи пайдоиши ҳама чиз (ё оғози даврони кӯҳан) риштаи Дао ном дорад.*

## 15

***Фарзонагони даврони куҳан, ки зубдаи ҷамъият будаанд, аз кӯчактарин, шигифтангезтарин ва даркнашуданитарин чизҳо огоҳ будаанд.***

***Онҳо аз хиради амиқ ва дастнаёфтанӣ бархӯрдор будаанд.***

***Онҳо ғайри қобили дарканд ва аз ин рӯ зоҳирашон шукӯҳ доштааст.***

***Оҳ, онҳо чӣ қадар оҳиста, мисли убуркунандагон аз рӯдхона дар фасли зимистон, ҳаракат мекунанд!***

***Оҳ, онҳо чӣ қадар беҷасоратанд, мисли одамоне, ки аз ҳамсояҳояшон метарсанд!***

***Оҳ, онҳо чӣ қадар ботаҳаммуланд, монанди меҳмонон дар манзили бегона!***

*Оҳ, онҳо чӣ қадар боэҳтиётанд, чун афроде, ки рӯи яхи мулоим роҳ меравнд!*

*Оҳ, онҳо чӣ қадар содаанд, мисли чӯби рӯяш коре анҷом нашуда!*

*Оҳ, онҳо чӣ қадар тиҳӣ ҳастанд, монанди як дараи холӣ!*

*Оҳ, онҳо чӣ чеҳраҳои гирифта доранд, чун оби тира!*

*Чӣ касе метавонад онҳоро боздорад ва ба онҳо сафо бахшад?*

*Кӣ метавонад онҳоро ором кунад ва ба зиндагии ороми онҳо давом бахшад?*

*Пайрави Дао намехоҳад қаноатманд бошад.*

*Ӯ бо ҳеҷ чизе қонеъ намегардад, аз ин рӯ, бо қаноат аз кухна ва бидуни рӯҳан нав гардидан, ба такомул мерасад.*

## 16

*Ҳангоме, ки хало ба ҳадди охири худ мерасад, ба оромиши бузург мубаддал мегардад.*

*Ҳама чиз рушд мекунад, ки ман дар он бозгашт (ё гардиш)-ро мебинам.*

*Албатта, чизҳо ба таври фавқулода гуногунанд, аммо ҳамаи онҳо ба оғози хеш бозмегарданд.*

*Бозгаштани чизҳо ба оғози худ осоиш аст.*

*Осоиш бозгашт ба зиндагӣ аст.*

*Бозгашт ба зиндагӣ пойдорист.*

*Оне, ки пойдорӣ (ё абадиятро) дарк мекунад, хирадманд аст.*

*Ҳар каси ноогоҳ аз абадият бар тибқи иродаи*

***худ рафтор мекунад ва аз ин рӯ ба бадбахтӣ гирифтор мешавад.***

***Шахси огоҳ аз абадият дорои рӯҳи комилу фарогир аст.***

***Дорандаи рӯҳи комилу фарогир адолатхоҳ аст.***

***Шахси адолатхоҳ шоҳ хоҳад шуд.***

***Ҳар касе шоҳ аст, бо Осмон тавъам хоҳад шуд.***

***Ҳар касе бо Осмон тавъам аст, вай ба Дао, ки аз абадият вуҷуд дорад, ҳаммонанд хоҳад шуд.***

***Ҷисмаш фано мегардад (умраш, ки ба охир расид, мемирад), аммо рӯҳаш ҳаргиз нобуд намегардад.***

## 17

***Оё ҳастии воло вуҷуд дорад, – ман намедонам; аммо (рӯҳан) ба вай наздик шудан ва ӯро ситоиш кардан, сипас аз ӯ тарсидан ва баъдан вайро нодида гирифтан мумкин аст.***

***Аз камбуди имон беэътиқодӣ ба вуҷуд меояд.***

***Оҳ, ҳарфҳои вазндору маънодор, ки бар забон ронда мешаванд, чӣ ҳарфҳои оҳистаанд!***

***Ҳангоме ки корҳо бо шоистагиву фидокорӣ анҷом мегиранд, кишоварзон хоҳанд гуфт, ки ин ҳама ба таври табиӣ, худ аз худ ба даст омадааст.***

## 18

***Вақте Даои бузургро тарк мекунанд, он гоҳ инсоният ва адолати ҳақиқӣ ба зуҳур мепайванданд.***

***Ҳангоме ки аз хирад ба таври густурда истифода мешавад, он гоҳ андӯҳи бузург ба вуҷуд меояд.***

***Замоне, ки шаш нафар хешовандони наздик дар ҷангу ҷидол бо ҳам қарор доранд, он гоҳ эҳтироми волидайн ва муҳаббат ба фарзандон ба вуҷуд меояд.***

***Вақте дар кишвар низоъ ҳукмрон аст, он гоҳ хидматгузорони вафодор зуҳур менамоянд.***

## 19

***Ҳангоме ки қудсиву хирадмандӣ дар канор гузошта мешаванд, он гоҳ нафъи мардум садчандон афзоиш хоҳад ёфт.***

***Вақте инсондӯстӣ ва адолат дар канор мераванд, он гоҳ фарзандон ба волидайни худ ва падару модар ба фарзандонашон меҳр хоҳанд варзид.***

***Ҳангоме, ки ҳар гуна дурӯягиву манфиатҷӯӣ аз миён бардошта мешавад, он гоҳ ҳеҷ дузде намемонад.***

***Танҳо бо зоҳир наметавон ин се нуктаро ба даст овард. Барои ин содатар, нокоромадтар ва беиштиёқтар бояд буд.***

## 20

***Вақте омӯзаҳо нобуд карда мешаванд, он гоҳ андӯҳ низ боқӣ нахоҳад монд.***

***Миёни сода ва мураккаб чӣ тафовути бузургест!***

***Миёни хайру шарр чӣ тафовути бузургест!***

***Аз он чӣ бояд тарсид, ки аз он ҳамаи одамон метарсанд.***

***Оҳ, чӣ ваҳшате! То миёнароҳ ҳанӯз дур аст.***

***Бисёре аз одамон худро шахси муҳим вонамуд мекунанд, мисли ин ки бар ивази ин гуна рафтор гӯшти қурбонӣ мегирифта бошанд, мисли ин ки баҳорон ба бурҷ боло мерафта бошанд.***

***Оҳ, ман чӣ марди сода ҳастам! Вуҷудам чун***

*вуҷуди тифле, ки ҳанӯз ба даврони кӯдакӣ нарасидааст, аз ҳар гуна вижагие мубаррост.*

*Ман гӯё ҳамеша дар такопӯ ҳастам, аммо намедонам, ки кай ва дар куҷо қарор хоҳам гирифт.*

*Бисёре аз одамон сарватмандананд, аммо ман чизе надорам, гӯё ҳама дороиямро гум кардаам.*

*Ман содаам, монанди рӯҳи як инсони кавдан, аммо дигарон ҳама медурахшанд.*

*Фақат ман нуре надорам, – дигарон боҳушанд.*

*Фақат ман рӯҳан ранҷ мебарам, ҳаммонанди мавҷе дар уқёнус саргардонам ва намедонам куҷо бозистам.*

*Дигарон бо коре машғуланд, ки аз дасташон бармеояд, аммо фақат ман кавданам ва хеле сода.*

*Ман аз дигарон бо он тафовут дорам, ки дӯст медорам аз синаи модарам шир бихӯрам.*

# 21

***Хушахлоқ танҳо фармонрави Дао мебошад.***

***Моҳияти Дао ҳаммонанди дурахши рӯшноист.***

***Оҳ, дурахши рӯшноӣ чӣ дастнорас аст! Аммо вай дорои тасвирест.***

***Оҳ, вай чӣ дурахшише дорад! Вай комилан дастнорас аст, аммо вай дорои моддаест.***

***Оҳ, Дао чӣ мавҳум ва ғайри қобили идрок аст! Дар вай моҳияте вуҷуд дорад, ки мӯътабару саҳеҳ аст.***

***Аз замони куҳан то имрӯз номи ӯ ҳаргиз аз байн нарафтааст.***

***Ман падидаҳои бисёреро омӯхтаам, аммо намедонам, ки чаро фақат чунин падидаҳо будаанд, на падидаҳои дигар.***

## 22

*Аз ноқис холис ба вуҷуд меояд.*

*Аз каҷ – рост. Аз хашин – ҳамвор.*

*Аз кӯҳна – нав.*

*Агар аз навъи чизе кам пайдо шавад, ба даст овардани он осон аст ва агар зиёд – интихобаш одамро сардаргум мекунад.*

*Бино бар ин, марди муқаддас аз он чизҳо танҳо як-то дорад, аммо вай барои ҷаҳон намуна мегардад.*

*Вай ҳамаи афкори худро ошкор намекунад, аз ин рӯ ҳаргиз ба иштибоҳ намеафтад.*

*Вай ҳаргиз худнамоӣ намекунад, аз ин рӯ ӯ ҳамеша шинохтаву машҳур аст.*

*Вай ҳаргиз худ вориди набард намешавад, аз ин рӯ шоистагӣ дорад.*

*Ҳаргиз ғурури худро нишон намедиҳад, аз ин рӯ мавриди таърифу тамҷид аст.*

*Бо ҳеҷ кас пархош намекунад, аз ин рӯ тамоми кайҳон ҳаргиз бо вай муқовимат намекунад.*

*Аз ин рӯ оё метавон мақолҳои деринеро, аз қабили «Аз ноқис холис ба вуҷуд меояд; аз хашин – ҳамвор», гуфторҳои бардурӯғ номид?*

## 23

*Суханҳои нодире дар худ афкори саҳеҳу муътабарро гунҷонда метавонанд.*

*Гуфторҳои нодир худ ба худ суханони рост ҳастанд.*

*Боди шадиди саҳаргоҳ то нимарӯз идома намеёбад; борони сахт тамоми рӯз наметборад.*

*На осмон, на замин ба таври абадӣ наметавонанд вуҷуд дошта бошанд. Бавижа инсон.*

*Ҳар касе пайрави Дао мебошад, ҳаммонанди ӯст; инсони ахлоқӣ баробар бо одами накӯкор аст; оне, ки ҳама чизро гум кардааст, мисли касест, ки худро комилан гум кардааст.*

*Дао дӯст медорад, ки монанд ба худашро пайдо кунад; инсони ахлоқӣ монанд ба худаш аст; гумкарда – монанд ба худ.*

*Ҳар куҷо, ки имон суст бошад, он ҷо эътиқод аз байн меравад.*

## 24

***Одаме, ки пояш хушк зада бошад, наметавонад аз ҷо баланд шавад.***

***Одами нишаста наметавонад роҳ равад.***

***Ҳар касе фикр мекунад, ки ҳама чизро дарк кардааст, чизе намедонад.***

***Ҳар касе, ки аз худ розӣ аст, наметавонад шуҳрат пайдо кунад.***

***Ҳар касе, ки худситоӣ мекунад, наметавонад шоистагӣ дошта бошад.***

***Ҳар касе, ки мағрур аст, наметавонад инсони фарозанда гардад.***

***Чунин афрод аз нигоҳи Дао одамоне ба ҳисоб меравand, ки ғизояшон беш аз ҳад ва корашон беҳуда аст. Аз ин рӯ вақте онҳо ба Дао даст меёбанд, наметавонанд қатъан дар он боқӣ бимонанд.***

## 25

***Модда аз ҳарҷу марҷ ба вуҷуд омадааст.***

***Ҳастие мавҷуд аст, ки ҳатто пеш аз осмону замин вуҷуд доштааст.***

***Ӯ беҳаракат, беҷисм, асил ва табдилнопазир аст.***

***Ӯ ҳамеша дар ҳаракат, гирдгардон ва беинтиҳост.***

***Танҳо ӯ метавонад модари (модинаи) осмону замин бошад.***

***Ман номи онро намедонам, аммо одамон ӯро Дао меноманд.***

***Қудрати вай азамат аст; азамати ӯ – беҳудуд; беҳудудиаш – беохир; беохириаш – беинтиҳо, бинтиҳоияш – тавоноии бозгаштан.***

***Дао бузург аст, осмон бузург аст, замин бузург аст ва, ниҳоят, подшоҳ бузург аст.***

***Бино бар ин, дар ҷаҳон чаҳор азамат вуҷуд дорад, ки яке аз он азамат подшоҳ аст.***

***Замин одамонро бар дӯш дорад; осмон – заминро; Дао – осмонро ва, ниҳоят, табиат – Даоро.***

## 26

***Вазнин дар пояи сабук қарор дорад.***

***Сукут бар ҳаракат ҳоким аст.***

***Агарчи фарзона дар тамоми рӯз машғул аст, ба корҳои хеш диққати фаровон медиҳад ва бо эҳтиёти тамом муносибат мекунад. Ҳарчанд вай аз шарафу шуҳрату шукӯҳ бархӯрдор аст, аз ин чизҳо мағрур намегардад, зеро ӯ аз ин чизҳо болост.***

***Бо он шоҳе, ки бо доштани даҳ ҳазор ароба, барои худ лоиқ намебинад, ки бар фикри шукуфоии кишвараш бошад ва танҳо пойбанди лаззати хештан аст, чӣ мешавад?***

***Шоҳе, ки бар фикри кишвари худ нест, беҳтарин хидматкорон – пуштибонони давлатро аз даст медиҳад.***

***Ҳар ҷое, ки мардум сабуксарона рафтор мекунад, он ҷо шоҳ осон сарнагун мегардад.***

## 27

***Инсони ахлоқӣ пас аз сари худ ҳеҷ осоре аз хеш боқӣ намегузорад.***

***Суханвар дар гуфтори худ ба иштибоҳ роҳ намедиҳад.***

***Фармондеҳи пирӯз ба ҳеҷ гуна турфанд рӯй намеоварад.***

***Агар чизе маҳкам, ҳатто бидуни қуфл, пӯшида бошад, боз нахоҳад шуд.***

***Агар чизе маҳкам, ҳатто бидуни кӯргиреҳ, баста шуда бошад, кушода намегардад.***

***Фарзонагон одамони ба хатари марг афтодаро наҷот медиҳанд ва эҳтиёҷмандонро ба чизе бениёз мегардонанд. Онҳо ҳамеша дар ҳадди эҳтиёт чизҳоро ҳифз мекунанд ва онҳоро ба дур намеандозанд.***

***Ин кор равиши дугонаи равшангарӣ ном дорад.***

***Аз ин ҷост, ки инсони ахоқӣ устоди (ё роҳбари) одамони бадахлоқ ба ҳисоб меравconfigureанд; одамони бадахлоқ абзори инсонҳои ахлоқӣ ҳастанд.***

***Ҳар касе, ки ба устодаш эҳтиром намегузорад ва ҳар касе, ки абзорашро дӯст намедорад, бо ин ки оқил бошад, гумроҳ аст.***

***Ин канорагирии ҷиддӣ аз Дао мебошад.***

# 28

***Ҳар касе, ки аз нерумандии худ огоҳ аст ва заъфи худро нигоҳ медорад, ба водии кайҳон табдил мегардад.***

***Ҳангоме ки вай ба водии кайҳон табдил мегардад, дар ниҳоди вай фазилати абадӣ ҷой мегирад.***

***Инсон дубора ба ҳолати кӯдак (Дао) бозмегардад.***

***Ҳар кас аз умқи дониши худ огоҳ аст ва дар ҷаҳл боқӣ мемонад, ӯ намунае барои тамоми ҷаҳон мегардад.***

***Ҳар касе намуна барои тамоми ҷаҳон мегардад, ба фазилати абадии худ хиёнат намеварзад ва ба ҳолати такомул (Дао) бозмегардад: вай шӯҳрату шарафи Ӯро мешиносад.***

***Бо қарор гирифтан дар мавриди таҳқиру бад-***

*бинӣ ба водии кайҳон табдил мешавад.*

*Ҳар кӣ водии кайҳон аст, танҳо бо порсоӣ қаноатманд хоҳад шуд ва ба холигии комил хоҳад баргашт.*

*Вақте ин содагӣ аз байн меравад, он гоҳ аз вай зарфи олие ба вуҷуд хоҳад омад.*

*Агар марди муқаддас аз вай истифода кунад, сарвар хоҳад шуд.*

*Ба ҳамин далел фармудаи бузург ҳаргиз нобуд нахоҳад шуд.*

## 29

***Ҳар касе, ки шадидан мехоҳад ҳокими кайҳон шавад, ҳаргиз бар ин ҳадаф дастёб нахоҳад шуд, зеро кайҳон абзори худоист, аз ин рӯ ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳокими сарнавишти ӯ бошад.***

***Аз ин ҷо, ҳар кӣ ин тамаъро дорад, ӯ назми ҷаҳон-ро вайрон мекунад; ҳар касе мехоҳад онро ба даст оварад, ҳамон дам онро аз даст хоҳад дод.***

***Ба таври куллӣ, чизҳо ба пеш меравад ё ақиб; меҷанганд ё дар остонаи ҷанг ҳастанд; неруманд ё заифанд; дар ҳаракатанд ё дар ҷое сокит ҳастанд.***

***Бино бар ин марди фарзона аз ҳар гуна ифроту тафрит, ҷалолу шукӯҳ парҳез мекунад.***

## 30

*Ҳар касе, ки ба подшоҳ тибқи Дао кумак мекунад, ҳаргиз ба фикри шукуфоии кишвар бо ба кор гирифтани неруи ҳарбӣ намешавад: ҳар тавре бо одамон рафтор кунед, онҳо бо ҳамон тариқа ба шумо муносибат хоҳанд кард.*

*Дар ҳар ҷое, ки артиш меистад, он ҷо (ба ҷои гандум) гулхор мерӯяд.*

*Пас аз ҷанги бузург соли беҳосилӣ меояд.*

*Аз ин рӯ ҳангоме ки марди фарзона роҳбари кишвар аст, вай ҳаргиз ба неруи бераҳмона рӯй намеоварад, ба фикри шуҳрат намеафтад, лашкар намекашад, аз ҳеҷ чиз мағрур намегардад, барои ҳарб неру ҷамъ намекунад.*

*Ҳангоме ки чизе ба ҳадди камолоти хеш мерасад, заифу фарсуда мегардад.*

*Ҳар чӣ Дао набошад, зуд хароб мегардад.*

## 31

*Як артиши хуб оросташуда абзори кори бешарафона аст ва моҳиятан чизест баду шарир.*

*Инсони фарзона самти чапро бар самти рост тарҷеҳ медиҳад, зеро онҳое, ки аз артиш истифода мекунанд, тарафи ростро аз тарафи чап беҳтар медонанд.*

*Артиш абзори кори бешарафона аст, аз ин рӯ вай наметавонад асбоби мардони (ҳақиқатан) фозил бошад. Аз ин ҷост, ки артиш танҳо дар мавридҳои иҷтинобнопазир истифода мешавад.*

*Агарчи ба ҷанг, мумкин аст, ба хотири барқарор кардани оромӣ рӯй меоваранд, вай, бидуни шак, падидаи бад аст.*

*Агар вай падидаи хуб мебуд, пас боястӣ аз он хушҳол шуд, аммо аз вай танҳо онҳое хушҳол мешаванд, ки одамкуширо дӯст медоранд.*

*Оне ки одамкуширо дӯст медорад, наметавонад дар ҷаҳон нияту афкори хуберо пиёда кунад.*

*Ҳангоми анҷоми кори хуб самти чап бар тарафи рост тарҷеҳ дода мешавад, аммо дар сурати рух додани фалокат – тарафи рост бар чап.*

*Генералҳои таҳти фармон дар тарафи чап ва фармондеҳон дар тарафи рост қарор мегиранд.*

*Вақте хабари пирӯзӣ мерасад, бояд ин хабарро бо расми сӯгворӣ истиқбол кард, зеро дар ҷанг одамони бисёре ба ҳалокат мерасанд.*

*Аз он ҷо, ки дар ҷанг одамони бисёре ба ҳалокат мерасанд, бар ҷанг бояд гирист.*

*Ҳангоме ки ҷанг бо пирӯзӣ меанҷомад, бояд мотами умумӣ эълом гардад.*

## 32

***Даои абадӣ номе надорад.***

***Вай чун резаи чӯб кӯчак аст, аммо ҷаҳон наметавонад онро тобеи худ кунад.***

***Вақте шоҳон ва шоҳзодагон бар фикри ҳифзи кишвар талош мекунанд, он гоҳ худи табиат ёрмандӣ мекунад.***

***Ҳангоме, ки осмон бо замин ба бистар меафтанд, он гоҳ ба замин шабнам меафтад, – он чи ки инсон дар анҷоми чунин коре қодир нест.***

***Вақте Дао ба бахшҳо тақсим шуд, он гоҳ ном пайдо кард. Агар ном шинос бошад, бояд худдорӣ кард.***

***Ҳар кас бояд донад, ки куҷо бояд бозистод. Ҳар касе расми дар ҳар коре худдорӣ карданро риоя мекунад, вайро фасоди ахлоқӣ таҳдид намекунад.***

***Ин Даост, ки дар кулли кайҳон вуҷуд дорад.***

## 33

***Инсонҳои одамшинос ҳушманданд ва оне, ки худшинос аст, дурандеш мебошад.***

***Касе, ки бар дигарон чирагӣ дорад, неруманд аст ва оне, ки бар худ пирӯз аст, қудратманд мебошад.***

***Ҳар касе аз худ розӣ мебошад, сарватманд аст.***

***Одами дар корҳои хеш қотеъ иродаи қавӣ дорад.***

***Ҳар кӣ аз рисолати хеш сар намепечад, пойдор аст.***

***Ҳар кӣ пас аз марг фаромӯш намешавад, ҷовидон аст.***

## 34

***Оҳ, Даои бениҳоят бузург!***

***Вай ҳам дар тарафи чап ҳасту ҳам дар тарафи рост.***

***Ҳама мавҷудот дар дунё ба шарофати вай пайдо шудааст; вай онҳоро аз худ дур намекунад.***

***Шоистагиҳои Дао олӣ ҳастанд, аммо ӯ бо онҳо ифтихор намекунад.***

***Вай нисбат ба ҳама чиз бо муҳаббат рафтор мекунад, аммо намехоҳад фармондори онҳо бошад.***

***Чун аз ҳама гуна иштиёқ озод аст, ночиз шуморида мешавад.***

***Ӯро мешавад кӯчак номид, зеро кӯчактарин чизҳо бо вай мепайвандад.***

***Ҳама мавҷудот дар итоати ӯ ҳаст, аммо ӯ худро фармондори он намешуморад; аз ин рӯ вайро бояд бузург номид.***

***Марди фарзонаро бузург шуморидан нашояд, агарчи корҳои бузургро анҷом медиҳад.***

***Далелеро, ки марди муқаддас ба осонӣ соҳиби номи бузургӣ мешавад, сабаб ин аст, ки вай ҳаргиз худро бузург намешуморад.***

## 35

***Марди муқаддас фили бузургро ба итоати худ даровардa, бо он ба тамоми ҷаҳон сафар мекунад. Вай, бидуни он ки осебе ворид оварад, танҳо сафар мекунад.***

***Аз лаззат, оромиш, сукут ва азамат дунёро ғизо медиҳад.***

***Марди раҳгузари бегонае дар кишвар бозистод.***

***Ҳангоме ки дар бораи Дао сухан мегӯяд, ҳарф-ҳояш чӣ содаанд! Вақте ки гуфтораш анҷом мепазирад, якнавохту бемазза ба назар мерасад.***

***Мардум ба Дао нигоҳ мекунад, аммо ӯро намебинад; гӯш медиҳад, вале намешунавад; ӯро истеъмол мекунанд, аммо вай тамом намешавад.***

## 36

***Ҳар чизе, ки фишурда мешавад, ба ҳолати қаблӣ бозмегардад.***

***Ҳар чизе, ки суст мегардад, тақвият пайдо мекунад.***

***Ҳар чизе, ки нобуд мешавад, эҳё мегардад.***

***Ҳар чизе ҳамаро аз даст медиҳад, дорои ҳама чи будааст.***

***Ҳама инҳо гоҳе пинҳон номида мешавад, гоҳе ошкор.***

***Мулоим бар сахт чира мегардад, заиф бар қавӣ.***

***Ҳамчуноне ки моҳӣ наметавонад жарфои дарёро тарк кунад, ҳамон тавр кишвар наметавонад бидуни асбобу абзор бошад.***

***Абзори қудратманди роҳбариро набояд ба мардум нишон дод.***

## 37

***Дао ба ҳеҷ коре даст намезанад, аммо ҳеҷ чизе нест, ки ӯ ба вуҷуд наоварда бошад.***

***Агар подшоҳ ва атрофиёнаш кишварро хуб идора кунанд, он гоҳ ҳамаи мавҷудот ба гунае, ки мехоҳад, тағйир мекунад.***

***Агар ҳамаи мавҷудот сахт ба ҳаракат оянд, ман онҳоро тавассути як содагии беном бозмедорам.***

***Содагии беном орӣ аз иштиёқ аст.***

***Ҳангоме ки дар дунё ҳеҷ иштиёқе вуҷуд надошта бошад, он гоҳ дар ҳама ҷо оромиш ва дар тамоми замин ҳақиқат ҳукмфармо мегарданд.***

# 38

***Инсонҳои дорои ахлоқи воло худро ахлоқӣ намешуморанд; аз ин рӯ онҳо аз болотарин ахлоқ бархӯрдор ҳастанд.***

***Инсонҳои ахлоқашон паст тавоноии аз даст додани ахлоқи худро надоранд ва аз ин рӯ ғайриахлоқӣ ҳастанд.***

***Инсонҳои дорои ахлоқи боло, ҳангоме ки бо коре машғул нестанд, ба иқдоме даст намезананд.***

***Инсонҳое, ки ахлоқи камтар доранд, он кореро мекунанд, ки дар анҷомаш қодиранд.***

***Инсонҳои ниҳоят башардӯст, ҳангоме ки бо коре машғул нестанд, амалҳоеро анҷом медиҳанд, вале ба он қоил намешаванд.***

***Инсонҳои ниҳоят адолатпарвар бо коре машғул мешаванд, онро анҷом медиҳанд.***

*Инсонҳои дорои болотарин эҳтиром ба дигарон эҳтиром мегузоранд, аммо аз эҳтироми дигарон нисбат ба худашон нобархӯрдоранд, аз ин рӯ онҳо дигаронро маҷбур мекунанд, ки барояшон эҳтиром гузоранд.*

*Аз ин рӯ, вақте Дао гум мешавад, ахлоқиёт падидор мешавад; ҳангоме ки ахлоқ фаромӯш мешавад, башардӯстӣ падид меояд; ҳангоме ки аз башардӯстӣ даст мекашанд, адолат зуҳур менамояд; ҳангоме ки адолат аз байн меравад, эҳтиром ҷойгузин мегардад.*

***Ба ҳамин далел аст, ки эҳтиром натиҷаи заиф гардидани садоқату вафодорӣ (ба хоҷа) ва огози ҳар гуна беназмӣ дар кишвар аст.***

***Бино бар ин, инсони бузург ба падидаҳои боаҳамият таваҷҷуҳ мекунад ва зуҳуроти ночизро ба канор меандозад. Вай ҳама корро бар тибқи ростӣ анҷом медиҳад, аммо ҳаргиз ба қонун такя намекунад.***

*Аввалиро бигиред, охиронро ба канор гузоред.*

## 39

***Дар аҳди қадим ҳар мавҷуде ба ваҳдат даст меёфт.***

***Осмон, ки ба ваҳдат расид, покиза гашт.***

***Земля, достигши единства, стала спокойной.***
***Замин, ки ба ваҳдат ноил гашт, ором шуд.***

***Рӯҳе, ки ба ваҳдат даст ёфт, ҳушманд гардид.***

***Водие, ки ноил ба ваҳдат шуд, комил гашт.***

***Ҳар чизе бо ба даст овардани ваҳдат ба мавҷудияти хеш огоз мебахшид.***

***Подшоҳон ва шоҳзодагоне, ки ба ваҳдат расиданд, намунаи ибрат барои ҳамаи ҷаҳон гардиданд.***

***Ҳамаи ин дар сояи ваҳдат ба даст омадааст.***

***Ба даст овардани ваҳдат дар ҳамаи инҳо яку яксон аст.***

***Агар осмон соф намебуд, чунин ба назар мерасид, ки вай аз як таркише метарсад.***

***Агар замин оромиши худро аз даст медод, пас ӯро хатари хароб шудан таҳдид мекард.***

***Агар рӯҳ ҳушмандиро аз даст медод, пас вай вижагии рӯҳ буданашро гум мекард.***

***Агар халои водӣ бо чизе пур мегардид, пас вай дигар водӣ намешуд.***

***Ҳар чизе, агар аз рушд бозмонад, фано мешавад.***

***Агар шоҳону шоҳзодагон садоқату вафодории раияти хешро аз даст медоданд, сарнагун мегардиданд.***

***Аз ин рӯ инсонҳои наҷиб ба одамони одӣ чун ба***

*огози хеш менигаранд; ашроф ба авом чун ба асосу пояи худ нигоҳ мекунад.*

*Подшоҳон ва шоҳзодагон ба ятимону бевагони бенаво ғамхорӣ мекунанд. Бо ин кор онҳо метавонанд аз аслу насаби худ шаҳодат диҳанд.*

*Магар ин дурӯғ аст?*

*Агар аробаро ба қисматҳо ҷудо кунем, аз ароба чизе намемонад.*

*Ман намехоҳам, монанди санги гаронбаҳо, мағрур бошам.*

*Инчунин ман намехоҳам, мисли як санги биёбон, мавриди нафрат бошам.*

## 40

***Ҳаракати Дао аз муқовимат (ба ҳамаи мавод) ба амал меояд.***

***Сустӣ вижагии хоси амали Даост.***

***Ҳама чиз аз ҳастӣ (чӣ) ва ҳастӣ аз нестӣ (ҳеҷ чӣ) ба вуҷуд омадаанд.***

## 41

***Ҳангоме ки донишманде дар бораи Дао чизе мешунавад, талош мекунад, то шунидаашро (дар ҳаёт) татбиқ намояд.***

***Ҳангоме ки инсони миёнаҳол дар бораи Дао чизе мешунавад, то охири умраш ба он пайравӣ намекунад.***

***Ҳангоме ки нимадонишманде дар бораи Дао чизе мешунавад, онро мавриди тамасхур қарор медиҳад.***

***Агар онро мавриди тамасхур қарор намедоданд, пас Дао сазовори номи хеш намегардид.***

***Аз ин рӯ гуфтаанд:***

***Ҳар касе, ки ошкорро дар мавриди Дао дарк мекунад, печида ба торикӣ ба назар меояд; ҳар касе, ки ба пеш даст ба дасти Дао меравад, баргарданда ба қафо ба назар мерасад; ҳар касе, ки бар авҷи Дао боло шудааст, мирандаи одӣ менамояд.***

***Инсони дорои болотарин фазилат ба водӣ монанд аст.***

***Инсони поктарин ба одами манфур монанд аст.***

***Инсони дорои болотарин ахлоқ ба шахси ноқобил монанд аст.***

***Фарди накукор монанд ба дузд аст. Инсони ҳақиқатҷӯй ба ғоратгари мол монанд аст.***

***Чаҳоргӯшаи бузургро гӯшаҳояш нонамоён аст.***

***Зарфи бузург ба зудӣ сохта намешавад.***

***Баландтарин садоро гӯш намешунавад.***

***Тасвири бузург орӣ аз ҳама гуна шакл аст.***

***Дао аз мо пинҳон аст, аз ин рӯ вай ном надорад.***

***Вай ҳамаи мавҷудотро бо неру таъмин мекунад ва ба камолот ҳидоят менамояд.***

## 42

***Дао якро ба вуҷуд овард, як – дуро, ду – серо, аммо се – ҳама чизро.***

***Ҳар чиз ҳомили «ин» ва обистани «ян» аст.***

***Касе, ки дар ҳолати девонагӣ қарор дорад, ба осонӣ ором мекунад.***

***Одамон ба онҳое, ки ба ятимону фақирон кумак намекунанд, нафрат меварзанд. Бино бар ин, шоҳону шоҳзодагони оқил дасти ятимон ва фақиронро мегиранд; онҳоянд, ки бо ин кори худ мавриди ситоиши мардум хоҳанд буд.***

***Аз даст додан оғози афзудан бар доройӣ аст, бисёр – оғози гум кардан.***

***Он чиро, ки дигарон аз рӯи адолат меомӯзонданду меомӯзонанд, ман низ онро ба одамон меомӯзонам.***

***Фарди ниҳоят қавӣ бо аҷали худаш намемирад.***

***Ман падари таълим хоҳам шуд.***

## 43

***Ҷаҳон фурӯтан аст: ҳама бар паҳнои вай бо хӯрдану давидан машғуланд.***

***Беандармиён нобудиро фурӯ мебарад.***

***Аз ин рӯ ман медонам, ки бекорӣ шоистагии волое дорад.***

***Омӯзаи бидуни сухан ва бефаъолиятӣ судмандтар аз ҳамаи мавҷудоте миёни замину осмон аст.***

## 44

***Чӣ наздиктар ба хеш аст: ном ё бадани худ?***

***Чӣ бештар аст: бадан ё сарвати худ?***

***Аз сар гузарондани чӣ сангинтар аст: ба даст овардан ё гум кардан?***

***Ҳар касе саргарм мешавад, зиёни бузурге хоҳад дид.***

***Ҳар касе бисёр дорад, метавонад, назар ба оне ки кам дорад, бештар аз даст диҳад.***

***Ҳар касе, ки медонад одам бояд бо чӣ чизе қаноатманд гардад, ҳаргиз шармсор нахоҳад шуд.***

***Ҳар касе сарҳади фаъолияти худро медонад ва ба хатар наздик намешавад, ӯ умри дароз хоҳад дид.***

## 45

***Камоли бузург монанд ба нокомил аст, аммо вай тамомнопазир аст (ҳарчанд ба таври доимӣ мавриди истифода қарор мегирад).***

***Пурии бузург монанд ба халоъ аст, аммо судаш ғайри қобили андоза аст.***

***Ростии бузург ба назар кач менамояд.***

***Устоди бузург кавдан ба назар мерасад.***

***Нотиқи бузург лакнатдошта ба назар меояд.***

***Ҳангоме ки такопӯ бар сукут чира мегардад, он гоҳ сардӣ эҳсос мегардад; вақте сукут бар такопӯ пирӯз меояд, он гоҳ гармӣ эҳсос мешавад.***

***Сукути комил намуна аз тамоми ҷаҳон аст.***

## 46

***Вақте Дао дар тамоми дунё риоя мегардад, он гоҳ аспони тезпо фаромӯш хоҳанд шуд ва тамоми мазореъ мавриди киштукор қарор хоҳад гирифт.***

***Вақте Дао дар тамоми дунё риоя намегардад, он гоҳ аспони ҷангӣ дар каронаҳои шаҳр парвариш хоҳанд ёфт.***

***Гуноҳе сангинтар аз иштиёқ вуҷуд надорад.***

***Бадбахтие сахттар аз дарк накардани ҳадди қаноат нест.***

***Ҷинояте вазнинтар аз тамоили ҳарисона ба сарватгундории бисёр вуҷуд надорад.***

***Ба ҳамин далел оне, ки ҳадшинос аст, аз вазъи хештан розист.***

## 47

***Бидуни аз хона хориҷ шудан (хирадмандон) медонанд, ки аҳволи ҷаҳон чӣ гуна аст.***

***Бидуни ин ки аз васати тиреза нигоҳ кунанд, онҳо Даои Осмониро мебинанд.***

***Ҳар қадар аз хона дур равӣ, ба ҳамон андоза кам хоҳӣ донист.***

***Бино бар ин фозилон (хирадмандон) бидуни берун рафтан ба ҷое ба дониш даст меёбанд; бе он ки ашёеро бинанд, номи онро медонанд.***

***Не делая ничего, они совершают много.***

***Бидуни даст задан ба амале онҳо кори бисёреро анҷом медиҳанд.***

## 48

***Рӯз аз рӯз омӯзаҳо афзун мегарданд, аммо рӯз аз рӯз Дао ба коҳиш меравад.***

***Эта потеря увеличится и дойдет до желания неделания.***

***Ин талафот афзоиш хоҳад ёфт ва ба хоҳиши кор накардан табдил хоҳад расид.***

***Ҳангоме ки инсон то ба кор накардан мерасад, он гоҳ чизе боқӣ намемонад, ки он ба анҷом нараси-да бошад.***

***Агар дар дунё назму тартиб ҳукмфармост, месазад, ки онро забт кард, аммо вақте назму тар-тибе нест, ба даст овардани он даркор нест.***

## 49

*Мардони фозил ҳеҷ эҳсоси хосе надоранд, зеро онҳо эҳсоси авомро чун эҳсоси хештан дарёфт мекунанд.*

*Ман инсонҳои хубро танҳо ба он хотир мепазирам, ки онҳо одамони хуб ҳастанд. Одамони бадро чун одамони хуб қабул дорам.*

*Ман ба одамони самимӣ бовар дорам, инчунин ба инсонҳои ғайрисамимӣ низ эътимод меварзам, зеро ҳадди аксари самимият ин аст.*

*Замоне, ки мардони муқаддас дар рӯи замин зиндагӣ мекунанд, онҳо одиву оромонанд; онҳо нисбат ба ҳама эҳсоси ҳаммонанд доранд.*

*Ба хотири рифоҳи ҷаҳон онҳо дилҳои худро тира мегардонанд. Одамони одӣ ба онҳо чун ба устодони хеш менигаранд ва ба нақлҳое аз аъмоли онҳо гӯш меандозанд.*

*Қудсиён ба мардум чун ба кӯдакон менигаранд.*

## 50

***Ҳамаи мавҷудот, вақте зиндагиро тарк мекунад, вориди марг мешавад.***

***Зиндагӣ дорои 13 марҳалаи рушд аст; марг низ 13 марҳала дорад.***

***Марҳалаҳои зиндагии инсонӣ, ки ҳамеша ба сӯи марг меравад, низ аз 13 иборат аст.***

***Чаро ин тавр аст? Барои ин ки майл ба зиндагӣ хеле қавӣ аст. Ман шунидаам инсоне, ки зиндагии парҳезгорона дорад, на аз каркадан метарсад, на аз паланг, на аз воқеъ шудан дар пайкоргоҳ бидуни таҷҳизоти ҷангӣ. Зеро дар бадани ӯ ҷое нест, ки каркадан тавонад шох занад, паланг бо нохунҳои тезаш чанг занад ва ҷанговари адӯ бо шамшер зарба ворид оварад.***

***Чаро ин тавр аст? Ба ин далел аст, ки барои инсоне, ки зиндагии парҳезгорона ба сар мебарад, марг вуҷуд надорад.***

## 51

*Дао мавҷудотеро ба бор меоварад, ки ғизояшонро порсоӣ таъмин менамояд; ба мавҷудот онҳо колбади моддӣ ато мекунанд ва қудраташон чизҳоро такмил медиҳад.*

*Бино бар ин ҳамаи мавҷудот Дао ва фазилатро парастиш мекунанд.*

*Ҳеҷ касе ба Дао аз шоистагиҳояш ва ба фазилат аз арзишҳояш башорат надодааст, аммо онҳо худашон абадан дорои шоистагиҳо ва арзишҳоянд.*

*Бино бар ин чизҳо аз Дао тавлид меёбанд, Дао онҳоро ғизо медиҳад, мепарварад, такмил мекунад, ба балоғат мерасонад ва ҳифз менамояд.*

*Дао бо он ки тавлид мекунад, онҳоро соҳибӣ намекунад; онҳоро ба чизе табдил медиҳад, ки ҳамакнун ҳастанд ва бо онҳо ифтихор наметварзад; вай бар онҳо ҳукумат мекунад, вале онҳоро озод мегузорад. Ин аст фазилати ҳақиқӣ.*

## 52

***Ҷаҳон дорои як сарогоз аст, ки он модари ҳамаи дунёст. Аз рӯи модар метавон писари ӯро шинохт.***

***Ҳар гоҳ, ки писар маълум аст, модар низ осебнопазир мемонад.***

***Агарчи бадан мемирад, аммо моҳияти ӯ ҳаргиз нобуд намегардад.***

***Ҳар кӣ гӯшҳо ва чашмҳояшро мебандад, тамоми умр аз бархӯрдорӣ маҳрум мегардад.***

***Ҳар касе ба ҳама гуна садоҳои латиф гӯш фаро медиҳад ва саъй мекунад, ки иштиёқашро таскин диҳад, ҳаргиз наҷот нахоҳад ёфт.***

***Инсоне, ки дар ташхиси кӯчактарин чизҳо тавоноӣ дорад, ғайббин номида мешавад. Оне, ки метавонад нармрафториро нигоҳ дорад, ном ӯро қуд-***

***ратманд аст.***

***Оне, ки нурро истеъмол мекунад, дурахшон ном дорад.***

***Бадан, бидуни он ки чизе аз худ боқӣ гузорад, нобуд мегардад. Ин аст мероси абад.***

## 53

*Ман бепарво ҳастам, вале ақл дорам, аз ин рӯ дар Даои бузург зиндагӣ мекунам.*

*Ман дар ҳолати тарси бузург садақа медиҳам.*

*Роҳи бузурги Дао ҳамвору соф аст, аммо инсонҳо дӯст медоранд, ки бо пайроҳаҳо роҳ биравaнд.*

*Ҳангоме ки давлат аз ғамхорӣ кардан ба хотири рифоҳи мардум даст мекашад, он гоҳ киштзорҳо холӣгашта, анборҳои гандум ҳаргиз пур нахоҳанд шуд; одамон либосҳои рангорангро хоҳанд пӯшид, ба камарашон шамшерҳои дамтезро овезон хоҳанд кард ва ғизоҳои камёфту хушмаззаро истеъмол хоҳанд намуд.*

*Ҳамаи ин дар маҷмӯъ ғурури ғоратгарона номида мешавад.*

*Оё ин Даост?*

## 54

***Он чиро, ки реша дорад, ҳаргиз намешавад аз бехаш канд.***

***Хорошо связанного нельзя развязать.***

***Онеро, ки маҳкам баста шудааст, наметавон раҳо намуд.***

***Бозмондагон рӯзҳои даргузашти аҷдоди хешро пос медоранд. Касе, ки ин корро барои худ анҷом медиҳад, ӯ барои хештан кори хуб мекунад; касе, ки ин корро барои хонаводаи хеш анҷом медиҳад, ӯ барои хонаводааш кори хуб мекунад; касе, ки ин корро барои деҳаи худ анҷом медиҳад, ӯ сарвари он деҳа хоҳад шуд; касе, ки ин корро барои кишвари худ анҷом медиҳад, ӯ барои кишвар кори хуб мекунад; касе, ки ин корро барои ҷаҳон анҷом медиҳад, ӯ барои тамоми ҷаҳон кори хуб мекунад.***

***Ман баданро аз рӯи бадан, хонаро – аз рӯи хона, деҳаро – аз рӯи деҳа, кишварро – аз рӯи кишвар ва, ниҳоят, ҷаҳонро аз рӯи ҷаҳон таҳқиқ мекунам.***

***Аммо оё ман метавонам донам, ки чаро дунё чунин аст, на ба шаклу сурати дигар?***

## 55

***Оне, ки ба камоли ахлоқӣ расидааст, монанд ба кӯдак аст.***

***Ҳашароти зараровар ӯро намегазад; ҷонварони даранда ба вай зарар намерасонанд, парандаҳои ваҳшӣ бо нохунҳои худ бар вай чангол намезананд.***

***Агарчи устухонҳояш мулоим ва мушакҳояш заифанд, аммо ӯ метавонад чизҳоро дар дасташ маҳкам нигоҳ дорад.***

***Агарчи вай намедонад, ки наринаву модина чӣ гуна ба ҳам меомезанд ва чӣ гуна ҷанин дар раҳми модина шакл мегирад, ӯ ба таври муфассал медонад, ки вазъи ҷаҳон чӣ гуна аст.***

***Агарчи ӯ рӯзи дароз фарёд мекунад, овозаш ҳаргиз хаста намешавад, зеро он (садояш) аз ҳамоҳангии комил бархӯрдор аст.***

***Донистани ҳамоҳангӣ доимию устуворӣ номида мешавад.***

***Донистани доимию устуворӣ возеҳият номида мешавад.***

***Амал кардан фақат ба хотири гирифтани лаззати бадан кори касиф номида мешавад.***

***Рӯҳе, ки метавонад бар эҳсосот ҳукумат кунад, рӯҳи қавӣ аст.***

***Ба таври куллӣ, шукуфо пажмурда мегардад, зеро дар вай Дао вуҷуд надорад.***

***Ҷое, ки дар он Дао нест, ба зудӣ ба фано мерасад.***

## 56

***Оне, ки бисёр медонад, сокит аст, аммо оне, ки бисёр ҳарф мезанад, чизе намедонад.***

***Дао чашмонашро мепӯшад, дарвозаро мебандад, теғҳоро кунд мекунад, гиреҳҳоро боз менамояд, равшаниро мулоим месозад, чизҳои кӯчакро ҷамъ менамояд.***

***Ин ваҳдати идрокнашуданӣ аст.***

***Наметавон бо Дао наздик шуд, аз вай дурӣ ҷӯст, аз вай суд бурд; ҳеҷ кас наметавонад ба ӯ осебе ворид оварад; барои гиромӣ доштани вай далеле нест; барои бадбинӣ нисбат ба вай низ бурҳоне вуҷуд надорад.***

***Ин ҳама нишон медиҳад, ки Дао аз ҳамаи мавҷудоти рӯи замин наҷибтар аст.***

## 57

***Бидуни пайравӣ аз расми адолат наметавон кишварро идора кард. Барои дар ҷанг ба пирӯзӣ расидан чолок бояд буд.***

***Вақте дар кишвар (ҳанӯз) беназмӣ вуҷуд надорад, (он гоҳ) бояд вайро ба даст овард.***

***Чӣ тавр ман метавонам дарёбам, ки чаро назми ҷаҳон ин гуна аст, на ба гунаи дигар.***

***Дар замоне, ки чизҳои зиёде дар кишвар вуҷуд доранд, ки бояд аз байн бурда шаванд, мардум бенавотар мегардад.***

***Дар замоне, ки дар кишвар олотҳои самарабахши фаъолият бисёранд, одамон намехоҳанд кор кунанд.***

***Дар замоне, ки дар кишвар шумораи зиёди ҳунармандони моҳир мавҷуд аст, теъдоди чизҳои ваҳшатзо афзоиш меёбад.***

***Ҳангоме ки дар кишвар қонуну муқаррароти зиёде вуҷуд доранд, шумораи ҷинояткорон меафзояд.***

***Чуноне ки марди муқаддас гуфтааст: «Ҳангоме ки ман коре анҷом намедиҳам (яъне ман чизи наверо ба вуҷуд намеоварам), мардум беҳтар мешавад; вақте ман оромам, мардум одил мегардад; вақте ман ба кори наве даст намезанам, мардум сарватманд мешавад; вақте ман аз ҳама гуна эҳсосот озод мешавам, мардум содадил мегардад».***

## 58

***Ҳангоме ки роҳбарони давлат дар сиёсати худ камтар ба хӯрдагирӣ роҳ медиҳанд, мардум сарватманд мешавад. Аммо вақте дар идораи давлат хӯрдагирӣ бештар аст, мардум камбағал мегардад.***

***Чӣ мушкили бузурге! Дар ҳар куҷое, ки хубию некӣ ҳаст, он ҷо бадбахтӣ низ вуҷуд дорад.***

***Чӣ хубе! Дар ҳар куҷое, ки фалокату мусибат ҳастанд, он ҷо саодату хубӣ низ вуҷуд доранд.***

***Аммо ман намедонам, ки интиҳои бадбахтӣ ва оғози саодат дар куҷост.***

***Дар ҷое, ки ҳақиқат вуҷуд надорад, мардум ба ҳақиқат чун ба як чизи аҷиб ва ба некӣ чун ба як чизи ботил менигаранд.***

***Аз давронҳои қадим одамон дар гумроҳӣ қарор***

***доранд, аз ин рӯ марди муқаддас ба онҳо гузашт намекунад.***

***Вай тамаъкор нест, аммо ҳеҷ чизеро миёни онҳо тақсим намекунад.***

***Ӯ порсо аст, аз ин рӯ ҳаргиз худсарона коре намекунад.***

***Агарчи вай барои тамоми ҷаҳон нурбахш аст, дурахшро дӯст намедорад.***

## 59

*Барои хидмат ба осмон ва раҳбарӣ бар мардум, беҳтар аз ҳама бояд расми худдориро риоя кард.*

*Худдорӣ ин нахустин марҳалаи фазилат ва оғози такомули ахлоқӣ аст.*

*Инсони дорои ахлоқияти воло ҳамаи мушкилот-ро бартараф мекунад.*

*Жарфо ва тавоноии қудрате, ки бар ҳама гуна мушкилот пирӯз омадааст, қобили андоза нест.*

*Ӯ метавонад ҳокими дунё бошад.*

*Ҳокими дунё модари кайҳон аст.*

*Модари кайҳон ҷовидон зиндагӣ хоҳад кард, зеро аз решаи амиқ ва пояи устувор бархӯрдор аст.*

## 60

***Идораи кишвари бузург монанд ба пухтани як хӯроки лазиз аз моҳичаҳои кӯчак аст.***

***Ҳангоме ки марди муқаддас кишварро идора мекунад, неруи шарр наметавонад Худо бошад.***

***Бо ин ҳол, ин бад-он маъно нест, ки нерӯи шарр дар сурати Худо (ё рӯҳ) зуҳур нахоҳад кард, вале мардум нисбат ба осебрасонии он тоқатнопазир хоҳад буд.***

***Марди муқаддас ба касе ва ҳеҷ кас ба ӯ осеб намерасонад.***

***Аз ин рӯ ахлоқи марди муқаддас бештару бештар рӯ ба такомул меравад.***

## 61

***Кишвари бузург монанд ба даҳонаи рӯдхона аст.***

***Ҳамбастагии кайҳон огози ҳамаи ҷаҳон аст.***

***Модина ҳамеша бар нарина пирӯз мешавад, зеро ӯ хомӯшу ором поёнтар аз нарина қарор дорад.***

***Вақте ки кишвари бузург поёнтар аз кишвари хурд қарор дорад, аввалӣ дуввумиро фатҳ хоҳад кард.***

***Ҳангоме ки кишвари хурд поёнтар аз кишвари бузург қарор дорад, аввалӣ дуввумиро ба даст хоҳад овард.***

***Аз ин ҳама намоён аст, ки кишваре, ки поёнтар аз дигар кишварҳо ҷой гирифтааст, бар ҳамаи кишварҳо ҳукмрон хоҳад шуд.***

***Кишвари бузург ва кишвари хурд чист?***

***Кишвари бузург маъвои миллатҳоест, ки шу-***

***морашон зиёд аст ва кишвари хурд маъвои миллатҳоест, ки шуморашон кам.***

***Агар ҳокими кишваре аз дигарон поёнтар қарор гирад, метавонад ба ҳадафҳои неки худ даст ёбад.***

***Аз ин рӯ равшан аст: касе мехоҳад бузургӣ ба даст оварад, бояд поёнтар аз ҳама қарор гирад.***

## 62

***Дао жарфои ҳастӣ аст. Маҳз вай ганҷинаи ҳамаи инсонҳои нек мебошад.***

***Вай инчунин ҳамон чизест, ки инсонҳои бад нигоҳаш медоранд. Суханҳои зеборо мешавад бо арзише харидорӣ кард.***

***Ҳама тавоноии анҷом додани корҳои хубро доранд.***

***Агарчи одамон баданд, вале намешавад аз онҳо комилан даст кашид.***

***Подшоҳ ва се нафар амалдорони олиро интихоб мекунанд. Онҳо бо дар даст доштани санги гаронбаҳо савори аробаҳо кишварро давр мезананд. Аммо ин бениҳоят бад аст нисбат ба тарғиб кардани Дао бо нишастан дар як ҷо.***

***Сабаби ин, ки дар даврони бостон Дао аз эҳтироми амиқ бархӯрдор буд, чист?***

***Оё ин нест, ки дар сояи Дао ҷинояткорон авф мешуданд?***

***Шояд аз ин рӯст, ки дар замони бостон Дао дар тамоми ҷаҳон мавриди эҳтиром қарор дошт.***

## 63

***Ҳама бояд ғайрифаъол бошанд.***

***Ҳама бояд сукути комилро риоя кунанд.***

***Ҳама бояд ғизои сода истеъмол намоянд.***

***Бузург кӯчак аст, бисёр – андак.***

***Ҳар касеро, ки ба шумо нафрат дорад, бо некӣ посухаш диҳед.***

***Ҳангоме ки шумо дар амну рифоҳ зиндагӣ ба сар мебаред, бар фикри он бошед, ки дар сурати пеш омадани мусибате чӣ тадбире бояд андешид, зеро мусибати бузург аз фалокати андаке огоз мешавад.***

***Мушкилу мусибати тамоми ҷаҳон аз чизҳои беаҳамияту майда сар мезанад, ҳаммонанди он ки кори бузург – аз иқдомоти хурд.***

***Марди муқаддас намехоҳад бузурги ҷаҳон бошад, аз ин рӯ кори бузург мекунад.***

***Созише, ки ба осонӣ ба даст омадааст, сазовори эътимод нест.***

***Дар ҳар ҷое, ки корҳои кӯчаки зиёде маҷуданд, дар он ҷо корҳои бузурги бисёре низ ҳастанд.***

***Аз он ҷо, ки марди муқаддас фақат дар мусибат зиндагӣ мекунад, барояш мусибат вуҷуд надорад.***

## 64

***Доштани чизи сабук кори душворе нест.***

***Пешгирӣ кардани мусибат то замони пурра ошкор шудани он осон аст.***

***Маглуб кардани заиф ва парешон сохтани чизи кӯчак кори саҳл аст.***

***Бар ҳифозат ҳамон вақт ибтикор бояд кард, ки ҳанӯз ниёзе барои ин кор нест (яъне душман ҳанӯз пайдо нашудааст).***

***Барои оромиши кишвар замоне бояд кӯшид, ки ҳанӯз дар он назму низом пойдор аст.***

***Дарахти бузурге, ки наметавон онро бо дастҳо фаро гирифт (яъне ниҳоят бузург аст), аз ниҳоли кӯчаке рӯидааст.***

*Бурҷи нуҳтабақа аз кулӯхпораҳо бино ёфтааст.*

*Барои ин ки ҳазорҳо фарсах тай шавад, бояд роҳро аз як қадам гузоштан оғоз кард.*

*Ҳар касе, ки тавоноии созандагиро дорад, қодир ба харобкорӣ низ ҳаст.*

*Доро метавонад ҳамаи дороияшро аз даст диҳад.*

*Марди муқаддас чизе намесозад, аз ин рӯ чизеро хароб намекунад; вай чизе надорад, аз ин рӯ чизе гум намекунад.*

*Ҳар касе кореро оғоз намуда, саросема мешавад, то ҳарчи зудтар натиҷа бигирад, ҳаргиз ба ҳадаф нахоҳад расид.*

*Ҳар касе бо эҳтиёткорӣ кори худро анҷому поён мебахшад, бо шикаст рӯ ба рӯ нахоҳад шуд.*

*Аз ин рӯ марди муқаддас ҳамеша бар он мекӯшад, ки холису ростбин бошад, ба чизҳои бо муш-*

***кил бадастоянда арзише надиҳад ва омӯзаҳои беса-марро гӯш накунад.***

***Ӯ бо такрори корҳое машғул аст, ки онро бисёриҳо анҷом додаанд.***

***Ӯ саъй хоҳад кард, то ба ҷараёни табиии чизҳо кӯмак кунад ва ба ҳеҷ сурат монеи он нашавад.***

## 65

*Дар даврони куҳан пайравони Дао кӯшиш намекарданд бо маърифати мардум машғул шаванд; онҳо ӯро дар ҷаҳолат нигоҳ медоштанд.*

*Далели ин ки идора кардани мардум душвор аст, ин аст, ки мардум батадриҷ равшанфикр мегардад ва дар миёни вай одамони ҳушманд зиёд ҳастанд. Ҳар кӣ мехоҳад кишварро тавассути фалсафафурӯшӣ идора кунад, ӯ онро нобуд хоҳад кард.*

*Агар кишвар бидуни фалсафафурӯшӣ идора шавад, дар он шукуфоию рифоҳ ба вуҷуд хоҳад омад.*

*Ҳар касе, ки (моҳияти) ин ду нуктаро мефаҳмад, (барои мардум) намунаи шахсе хоҳад буд, ки зиндагии ахлоқӣ ба сар мебарад. Ӯро (инсони) дорои фазилати идрокнашаванда хоҳанд номид.*

*Оҳ, ахлоқ чӣ жарф ва ғайри қобили дарк аст! Он аз рӯи моҳияташ бар хилофи ҳамаи модди-*

***ёт аст, аммо ҳаргиз ба чизе муқовимат намекунад.***

***Вай итоати бузурге аз худ нишон медиҳад.***

## 66

*Далели он, ки рӯдхонаҳо ва баҳрҳо подшоҳони водиҳои бешумор (ки рӯдҳо дар онҳо ҷорӣ мешаванд) ҳастанд, ин аст, ки аввалиҳо поёнтар аз баъдиҳо ҷой гирифтаанд.*

*Ба ин далел аст, ки рӯдхонаҳо ва баҳрҳо подшоҳони водиҳои зиёд ҳастанд.*

*Вақте марди муқаддас мехоҳад мардумро боло бибарад, ӯро поён меоварад. Ҳангоме мехоҳад ба пеш бибарад, ӯро ба қафо меандозад.*

*Аз ин ҷост, ки вақте мардум ҷойгоҳи болоеро пайдо менамояд, аз он ифтихор намекунад; ҳангоме ки ба пеш меравад, ба ҳеҷ касе осебе намерасонад.*

*Замоне ки ҳамаи гуфтаҳоям ба амал мепайванданд, дар тамоми ҷаҳон сулҳ пойдор мегардад.*

*Ҳангоме ки дар тамоми ҷаҳон сулҳ пойдор мегардад, он гоҳ низоъ аз байн меравад.*

## 67

***Дар тамоми замин инсонҳо мегӯянд, ки Даои ман бузург аст.***

***Албатта, он ба девонагӣ мемонад, аммо, бидуни шак, бузург аст.***

***Ман се бартарӣ дорам, ки онҳоро чун ганҷина ҳифз мекунам.***

***Аввалин аз ин се ганҷина башардӯстӣ аст.***

***Дуввум – сарфаҷӯӣ.***

***Севвум – фурӯтанӣ ва ё чизе, ки дар партави он ман намехоҳам роҳбари тамоми замин бошам.***

***Башардӯстон инсонҳои шуҷоанд.***

***Сарфаҷӯён инсонҳои саховатманд ҳастанд.***

*Одамҳои фурӯтан ё онҳое, ки намехоҳанд роҳбари тамоми ҷаҳон бошанд, барои замони зиёде муфид хоҳанд буд.*

*Ҳар касе, ки бидуни башардӯстӣ шуҷоъ аст, ҳар касе, ки бидуни сарфаҷӯӣ саховатманд мебошад, ҳар касе, ки бидуни фурӯтанӣ ба пеш меравад, ҳалок хоҳад шуд.*

*Ҳар касе, ки ба хотири башардӯстӣ меҷангад, пирӯз хоҳад шуд. Агар вай мардумро ҳифз кунад, дифояш неруманд хоҳад буд.*

*Ин ҳама аз ин рӯст, ки ӯро Осмон, ки чунин инсонро гиромӣ медорад, наҷот хоҳад дод.*

## 68

***Инсоне, ки воқеан равшанфикр аст, ҳаргиз ба ҷанг рӯ намеоварад.***

***Ҷанговари олӣ ҳаргиз хашмгину асабонӣ намешавад.***

***Пирӯзманд ҳаргиз аз бегонагон хоҳони кӯмак намешавад.***

***Он, ки қодир ба истифода аз мардум аст, худро аз он поин мегузорад.***

***Ин камоли сулҳдӯстӣ аст.***

***Ин неруи истифода бурдани инсонҳост.***

***Ин «мутобиқ шудан бо Осмон», ҳадди қадимӣ будан аст.***

***Чунин аст ҳукми бостон.***

## 69

*Дар «Ҳунари низомӣ» омадааст, ки ҳангоми ҷанг ман ҳаргиз фаъол намешавам, балки – ғайрифаъол.*

*Бидуни қадаме пеш рафтан ба андозаи оршин ба ақиб бозгаштан маънои бидуни муқовимат ба душман додани хостаашро дорад.*

*Вақте ки душмане вуҷуд надорад, ҷанг ҳам сар намезанад.*

*Мусибате сахттар аз нафрат варзидан ба душман нест.*

*Ба душман нафрат доштан монанд аст ба даст кашидан аз сарвати хеш бидуни зарурат.*

*Оне, ки ба хотири афзудан бар шумори неруи ҳарбии худ гиря мекунад, пирӯз хоҳад шуд.*

## 70

***Ман мегӯям, ки дониш анбоштан ва корҳои хуб кардан хеле осон аст.***

***Ҳол он ки дар саросари ҷаҳон касе инро на-медонад ва бо даст задан ба корҳои хуб машғул намешавад.***

***Суханҳоро усул ва корҳоро сарвар бояд.***

***Дониш вуҷуд надорад. Ба ҳамин далел аст, ки ман чизе намедонам. Онҳое, ки маро мешиносанд, камшуморанд, аз ин рӯ ман мӯҳтарам ҳастам.***

***Бино бар ин марди муқаддас либосҳои одиву куҳна мепӯшад, аммо бо худ сангҳои гаронбаҳо дорад.***

## 71

***Касе, ки бо дониши зиёд худро нодон вонамуд мекунад, ӯ марди ахлоқӣ аст.***

***Касе, ки ҳеҷ намедонад ва худро донишманд вонамуд мекунад, ӯ бемор аст.***

***Касе, ки аз бемории ҷисмӣ ранҷ мебарад, ҳанӯз бемор нест.***

***Марди муқаддас ҳаргиз бемор намешавад, зеро вай намедонад беморӣ чист, ҳарчанд ҷисман бемор мешавад.***

## 72

***Вақте мардум аз қудрати қавӣ наметарсад, чолиши бузурге рух медиҳад.***

***Хона ҳар тавре, ки бошад, барои марди муқаддас танг нест.***

***Зодгоҳ ҳар тавре, ки бошад, барои марди муқаддас муҳим нест.***

***Ҳеҷ чизе ӯро ошуфта намегардонад, аз ин рӯ вай низ касеро ташвиш намедиҳад.***

***Агарчи марди муқаддас аз шоистагии худ огоҳ аст, аммо ҳаргиз инро нишон намедиҳад.***

***Агарчи ғурур ба ӯ бегона нест, аммо ҳаргиз мағрурона рафтор намекунад.***

***Ба ҳамин далел аст, ки ҳама бояд аз аввалӣ дур ва ба охирон наздик шаванд.***

## 73

***Касе, ки неруманд ва густох аст, вай метавонад одамро бикушад.***

***Касе, ки неруманд ва густох нест, метавонад одамонро эҳё кунад.***

***Ин ҳар ду ё судманд ва ё зараровар ҳастанд.***

***Ҳеҷ кас наметавонад донад чаро осмон чизеро дӯст медорад, чизеро на. Ин масъаларо ҳатто марди муқаддас наметавонад ҳал кунад.***

***Даои осмонӣ ҳаргиз пархош намекунад, аз ин рӯ вай бар ҳама пирӯз меояд.***

***Агарчи ӯ кам ҳарф мезанад, хубтар аз одамони пурҳарф баррасӣ мекунад.***

***Ҳеҷ кас Даоро фаро намехонад, аммо ӯ дар ҳама ҷо ҳузур дорад.***

***Ба назари мо мерасад, ки ӯ бо ҳеҷ коре машғул нест, аммо дар асл вай аз ҳама пуркортар аст.***

***Тӯри осмонӣ зич нест ва гӯё ҳама чизро аз худ мегузаронад; аммо аз вай чизе наметавонад берун шавад.***

## 74

***Мардумеро, ки аз марг наметарсад, намешавад бо марг тарсонд.***

***Мардумеро, ки омӯхтаанд, то аз марг битарсад, бо амале, ки метавонад бо марг поён ёбад, тарсондан мумкин нест.***

***Одамоне ҳастанд, ки вазифаашон куштан аст. Онеро, ки ба ҷои ҷаллодон одам мекушад, ҷонишини ҷаллод меноманд.***

***Ҷонишини ҷаллод ҳангоми куштан дасти худро захмдор мекунад.***

## 75

*Мардум ба ин далел гуруснагӣ мекашад, ки андози давлат берун аз ҳад бузургу вазнин аст.*

*Маҳз ин боиси бадбахтии мардум аст.*

*Агар давлат беш аз ҳад ғамхори мардум бошад, мардум нофармон мегардад.*

*Маҳз ин боиси нофармонии мардум аст.*

*Ҳангоме ки одамон беш аз ҳад зиндагидӯст бошанд, ба марг чун ба кори ниҳоят осон менигаранд.*

*Ин аст сабаби беэътиноии мардум ба марг.*

*Ба ин далел, касе ки зиндагидӯст нест, оқилтар аз онест, ки зиндагиро дӯст медорад.*

## 76

*Тифли навзод заифу нозук аст.*

*Ҷасади мурда сахту инъитофнопазир аст.*

*Сабзаи нав латифу заиф аст.*

*Гиёҳи хушк сахту инъитофнопазир аст.*

*Аз ин рӯ равшан аст, ки латифу заиф қобили зиндагӣ ҳастанд.*

*Артиши неруманд пирӯзманд нест.*

*Бастае аз шохаҳоро наметавон шикаст.*

*Қавӣ дар поён қарор дорад, заиф – дар боло.*

## 77

***Даои осмонӣ ба одаме монанд аст, ки зеҳро ба камон мекашад: одами қадбаланд камонро боло мебардорад, вале одами қадкӯтоҳ – нигоҳашро.***

***Одами беш аз ҳад доро бо зиён рӯ ба рӯ хоҳад шуд.***

***Одаме, ки аз бенавоӣ ранҷ мебарад, соҳиби сарвати беш аз ҳад хоҳад шуд.***

***Зеро Даои осмонӣ ҳамеша аз дороён меситонад ва ба бенавоён медиҳад.***

***Аммо Даои инсонӣ – баръакс: аз камбағалҳо мегирад ва ба дороён медиҳад.***

***Аз ин рӯ ҳар касе, ки чизи барзиёди худро ба тамоми ҷаҳон мебахшад, ӯ Даоро дорад.***

***Марди муқаддас бисёр кор мекунад, аммо аз кардаи худ наменозад; шоистагиҳое анҷом медиҳад, аммо онҳоро нодида мегирад, зеро вай намехоҳад фазилатҳои худро ба намоиш гузорад.***

## 78

***Агарчи дар ҷаҳон аз об латифтару заифтар чизе нест, об метавонад маҳкамтарин чизро хароб кунад.***

***Дар ҷаҳон чизе нест, ки бар об пирӯз ояд, зеро об латифтар ва заифтар аз ҳама чиз аст.***

***Нуктаи маълум аст, ки мавҷуди заиф бар мавҷуди неруманд ғолиб меояд, латиф – бар қавӣ. Аммо касе ин нуктаро эътироф немекунад.***

***Марди муқаддас мегӯяд: оне, ки аз подшоҳ мулк ба инъом мегирад, хоҷа мегардад; аммо касе, ки рафъи бадбахтии кишварро бар дӯш мегирад, вай подшоҳи он мешавад.***

***Садои ҳақиқат гӯшхарош аст.***

## 79

***Пас аз танаффури бузург нафрати андак боқӣ мемонад.***

***Касе, ки ҳатто заифтарин нафрат дорад, наметавонад барои шахси мавриди танаффур кори некеро анҷом диҳад.***

***Марди муқаддас ҳар касеро бар пояи савганд водор ба шаҳодат мекунад, аммо ба касе фишор намеоварад.***

***Одами ахлоқӣ ба савганд вафодорӣ мекунад, аммо инсони бадахлоқ – хиёнат.***

***Даои осмонӣ хешовандоне надорад, аз ин рӯ вай ҳамеша майл ба одамони нек дорад.***

## 80

***Азбаски давлати хурд аҳолии кам дорад, агар ҳам аслиҳаҳои хуби зиёде дошта бошад, он аслиҳаҳо бидуни истифодаю ниёз боқӣ мемонанд.***

***Мардуми чунин давлат ҳама гуна ғайрату ибтикорро аз даст медиҳад ва, бидуни ин ки аз кишвар берун равад, ҳамон ҷо хоҳад мурд.***

***Агар он аробаю киштиҳои бисёре дошта, он ҳама бидуни истифода боқӣ хоҳанд монд.***

***Агарчи артиши хубе дошта бошад, наметавонад онро дар ҷое ба кор барад.***

***Мардуми ин кишвар бо бастани таноб машғул хоҳад шуд, то бо он сарзаминашро марзбандӣ кунад.***

***Агарчи мардуми ин кишвар хуб мехӯрад, зебо мепӯшад, манзилҳои орому бароҳат месозад ва зин-***

***дагии хурсандона дорад, аммо мавҷудияти он беҳуда аст.***

***Агарчи чунин кишвар ба ҳамсояааш ба гунае наздик аст, ки садои хурӯсон ва ав-ави сагонаш шунида мешаванд, робитаи он бо кишвари ҳамҷавор ҳаргиз барқарор нахоҳад шуд.***

## 81

***Садои ҳақиқат латофате надорад, аммо чизи латиф фиребост.***

***Инсони ахлоқӣ суханпардоз нест, вале суханпардоз дурӯғгӯй аст.***

***Хирадманд бисёр намедонад, аммо касе, ки зиёд медонад, хирадманд нест.***

***Марди муқаддас молу коло захира намекунад. Агар ҳам захира кунад, – барои дигарон.***

***Вақте ӯ чизе дорад, ҳамаи онро ба дигарон тақсим мекунад.***

***Бино бар ин захираи ӯ бештару бештар меафзояд.***

***Даои осмонӣ муфид аст: вай чизи барои одамон осебрасоне надорад.***

***Даои мардони муқаддас кори хуб анҷом додан ва пархош накардан аст.***








老子悟道
























祸兮福之所倚，福兮祸之所伏。
——《老子》
老子，又称老聃、李耳，字伯阳，楚国苦县曲仁里（今河南鹿邑县太清宫镇）人。是我国古代伟大的哲学家和思想家、道家学派创始人。老子乃世界文化名人，世界百位历史名人之一，存世有《道德经》（又称《老子》），其作品的精华是朴素的辩证法，主张无为而治，其学说对中国哲学发展具有深刻影响。在道教中老子被尊为道祖。

**Феҳристи мундариҷа**

Сухане чанд дар бораи Лао-Сзи . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3

Дао дэ сзин. Китоби роҳ ва фазилат . . . . . . . . . . . . . . . . 22

**Лао-Сзи**
**Дао дэ Сзин.**
**Китоби роҳ ва фазилат**

Муҳаррир – Фарзод Сайидзода
Мусаҳҳеҳ – Ковус Воҳидзода
Муҳаррири техникӣ – Манижа Ғаффорӣ

Ба чоп 03.01.2020 имзо шуд. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 8,5. Ҳуруфи адабӣ Times New Roman Tj. Супориши № 32. Адади нашр 500.

***Китоб дар Бунёди забони тоҷикӣ (форсӣ)***
***ба чоп омода шудааст.***

ISBN 978-99975-56-69-1